*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 6-7 (4746-4747) | ЧОРШАНБЕ, 10 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ҲАҚАН ФИДАН

**10-уми январи соли 2024 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Ҳақан Фиданро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Туркия мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози мулоқот аз раванди кунунии рушди робитаҳо изҳори қаноатмандӣ карда, тавсеаи минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанба ва дарозмуддати дуҷонибаро ҷавобгӯи манфиатҳои кишварҳо арзёбӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ таҳкими бештари ҳамкориҳоро дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, махсусан иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, зарур шумурида, ҷонибдориро ҷиҳати фаъолтар кардани ин раванд иброз доштанд.

Рушди ҳамкории Тоҷикистону Туркия дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, саноат ва сармоягузорӣ аз самтҳои муҳими муносибатҳои ҳар ду кишвар номида шуда, таъкид гардид, ки фаъолияти муназзами Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, баргузории форумҳои соҳибкорон ва намоишгоҳҳои молҳои истеҳсолии ҳар ду кишвар метавонад василаи муҳими пешбурди ҳамкориҳои дуҷониба бошад.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо оид ба рушду густариши минбаъдаи робитаҳо дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва сайёҳӣ табодули афкор намуданд.

Баргузории рӯзҳои фарҳангӣ дар қаламрави ҳамдигар аз ҷумлаи тадбирҳое номида шуд, ки ба таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ мусоидат менамоянд. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо атрофи масъалаҳои мубрами минтақавию ҷаҳонӣ, аз ҷумла вазъи сиёсӣ дар Афғонистон ва Фаластин, низ андешаронӣ карданд.

**www.prezident.tj**

# САФАРИ РАСМИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН



**(Идома аз шумораи гузашта)**

**Ҳаштуми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ мулоқот анҷом доданд.**

Дар оғози суҳбат Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ паёми гарму самимонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ расонданд.

Дар мулоқот маҷмӯи доираи васеи масъалаҳои муҳиму афзалиятноки ҳамкориҳои ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои ояндадори энергетика, нақлиёт, саноати мошинсозӣ, хӯрокворӣ, маъданҳои кӯҳӣ, дорусозӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Бо мақсади таҳкими робитаҳои фарҳангӣ тавсеаи ҳамкорӣ дар самти таҳсилоти олӣ, пажӯҳиш ва фанноварӣ, табодули таҷриба миёни мутахассисони соҳаи тандурустӣ, равобити мустақими муассисаҳои тиббии илмии ҳар ду кишвар ва идомаи анъанаҳои ташкили Рӯзҳои фарҳангӣ салоҳи кор дониста шуд.

Зимни суҳбат доир ба масоили ҳамкории ҳар ду кишвар дар арсаи байналмилалию байниминтақавӣ, аз ҷумла доир ба вазъи Афғонистон ва Фаластин, мубодилаи афкор сурат гирифт.

Хонаи навовариҳои технологии Эрон бо мақсади афзун кардани содироти маҳсулоти илмӣ ва рушди ҳамкориҳои муштараки илмию техникӣ байни Эрон ва кишварҳои хориҷӣ бо ниҳодҳои давлатию илмии хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд. (донишбунён фаъолият менамояд.)

Дар ҳамон ҷо бо мақсади рушди ҳамкориҳои илмию техникӣ байни Тоҷикистону Эрон ва пешбурди муносибатҳо дар соҳаи технологияҳо ва иқтисодиёти ба дониш асосёфта маросими имзои Ёддошти тафоҳум дар бораи таъсиси Маркази инноватсионию технологии Тоҷикистону Эрон доир гардид.

Зери Ёддошти тафоҳум Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе



муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва ноиби Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба фанноварӣ ва иқтисоди донишбунён Руҳулло Деҳқонии Фирӯзободӣ имзо гузоштанд.

**8-уми январи соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз Хонаи навовариҳои технологии Эрон дар шаҳри Теҳрон боздид карданд.**

Тавре зимни боздид иттилоъ дода шуд, Хонаи навовариҳои технологии Эрон марказест, ки дар он навтарин дастоварду маҳсулоти илмӣ ва нанотехнологии Эрон дар соҳаҳои гуногуни саноат, хӯрокворӣ, кишоварзӣ, дорусозӣ, таҷҳизоти тиббӣ, вояҳои чорво ва паранда, доруҳои растанӣ ва ғайраҳо ба намоиш гузошта шудааст.

Ниҳоди мазкур таҳти сарпарастии бевоситаи ноиби Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба фанноварӣ ва иқтисоди донишбунён фаъолият менамояд.

**Нуҳуми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати боздид ба Расадхонаи шаҳри Теҳрон ташриф оварданд.**

Расадхонаи шаҳри Теҳрон дар ҳудуди маҷмааи Бурҷи милод ҷойгир буда, маркази бузурги маълумотҷамъоварии идоравӣ барои ниҳодҳои давлатии шаҳр, аз ҷумла аъзои Шурои шаҳри Теҳрон, мебошад.

Тоҷикистону Эрон, аз ҷумла дар самти робитаҳои байнипарламентӣ, баррасӣ гардиданд.

Зикр карда шуд, ки имрӯзҳо робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон дар соҳаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн бомаром рушд ёфта истодаанд, ки дар пешбурди самараноки ин раванд мулоқоту тамосҳои доимии сатҳи олӣ ва баланд нақши муассир доранд. Ҷонибҳо муҳимияти фаъолияти Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангиро дар тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ изҳор доштанд.

Бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши мол байни Тоҷикистон ва Эрон, инчунин, ба ҳадди то 500 миллион доллар расонидани ин нишондиҳанда зимни гуфтушунид ба густариши ҳамкориҳо

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ САТҲИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ, ЗИЁД НАМУДАНИ МАОШИ АМАЛКУНАНДАИ ВАЗИФАВИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ, КОРМАНДОНИ ТАШКИЛОТҲОИ БУҶЕТӢ, АНДОЗАИ НАФАҚА ВА СТИПЕНДИЯ

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мутобиқи моддаҳои 143, 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» **фармон медиҳам:**

1. Аз 1 январи соли 2024:

- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тариф)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шавад;
- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 1390 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1250 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ ба андозаи 1250 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1390 сомонӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, муқаррар карда шавад.

2. Аз 1 июли соли 2024:

- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои дигари буҷетӣ 40 дарсад зиёд карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 40 дарсад зиёд карда шуда, 620 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияи олӣ 1120 сомонӣ, категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба андозаи 1045 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1160 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шаванд;
- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 дарсад аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалишавии фармони мазкурро дар соли 2024 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари хароҷот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;
- дар муҳлати як моҳ санадҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;
- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигар ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманд (ба ғайр аз нафақа)-ро мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъйин намудани нафақа, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 9 январи соли 2024, № 671**

# ТАВЗЕҲОТ

## ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия»

**28-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2024 зиёд намудани андозаи нафақаҳо, маоши амалкунандаи хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ ва стипендияҳоро иқдом карданд.**

Бо мақсади амалӣ намудани иқдоми мазкур 9 январи соли 2024 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» таҳти №671 ба имзо расид.

Тибқи фармони зикршуда, маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 40 фоиз зиёд карда шуд.

Вобаста ба ин, маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 1390 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1250 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

Инчунин, андозаи маоши заминавӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, ба андозаи 1250 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум ва ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1390 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

Ҳамзамон бо ин, дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ аз 1 июли соли 2024 ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуд.

Маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои дигари буҷетӣ аз 1 июли соли 2024 ба андозаи 40 фоиз зиёд карда мешавад.

Вобаста ба ин, аз 1 июли соли 2024 андозаи маоши заминавии хизматчиёни маъмурии хизмати давлатӣ барои мансабҳои категорияи олӣ 1120 сомонӣ, барои мансабҳои категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чорум 1045 сомонӣ ва барои мансабҳои категорияҳои панҷум, шашум ва ҳафтум 1160 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Инчунин, андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ ба 620 сомонӣ баробар карда шуд.

Зиёдшавии андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ, аз 1 июли соли 2024 ба андозаи 40 фоиз амалӣ мегардад.

Нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо аз 1 июли соли 2024 дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон зиёд карда мешаванд.

Маблағгузории зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендияҳо дар соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таъмин карда мешавад.

**www.prezident.tj**



# САФАРИ РАСМИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

(Идома аз саҳ. 1)

Дар маркази мазкур маълумот бо истифода аз аксҳои фазоии шаҳрдории Теҳрон, харитаи сеандозаи Теҳрон, системаи харитасозии Теҳрон, инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи шаҳрӣ таҳия ва пешниҳод мегардад.

Тамоми маълумотҳо оид ба шаҳри Теҳрон дар як нуқта мутамарказ шуда, ба таври маҷозӣ (онлайнӣ) ҷамъоварӣ ва мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода мешавад. Дар асоси маълумоти пешниҳодшуда ниҳодҳои ваколатдор ҷиҳати қабули қарорҳои миёнамуҳлату дарозмуддат, аз ҷумла дар масъалаҳои буҳронӣ, тасмим мегиранд.

**Нуҳуми январи соли 2024 дар идомаи сафари расмӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Теҳрон аз маҷмааи Бурҷи милоди Теҳрон дидан карданд.**

Иншооти мазкур дорои манораи алоқа бо баландии 435 метр аст, ки баландтарин бурҷи Эрон, шашумин бурҷи баланди мухобиротии ҷаҳон ва 24-умин сохтмони баландтарини ҷаҳон мебошад.

Бурҷи милод, чун яке аз рамзҳои пойтахти Эрон, ба далели баландӣ тақрибан аз ҳама гӯшаҳои шаҳри Теҳрон намоён буда, аз баландии манораи он манзараи зебои шаҳр ба назар мерасад. Дар баландии 276 метр тарабхонаи чархзананда ва болотар аз он биноҳои асосии манора иборат аз 12 табақа ҷойгир шудаанд.

Сохтмони иншоот аз рӯи тарҳи меъмор Муҳаммадризо Ҳофизӣ дар масоҳати 62 гектар соли 1997 оғоз гардида, маҷмаа соли 2008 ифтитоҳ шудааст.

**9-уми январи соли равон дар шаҳри Теҳрон дар доираи сафари расмӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси шаҳри Теҳрон муҳтарам Алиризо Зоконӣ мулоқот анҷом доданд.**

шаҳрҳо барои густариши минбаъдаи муносибатҳои неку манфиатбахши Душанбе ва Теҳрон заминаи муносиб фароҳам меорад.

**Ёдовар мешавем, ки рӯзҳои 8 ва 9 январи соли 2024 сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон доир гардид.**

Зимни сафари расмӣ мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ва баланд, аз ҷумла мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ, Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Муҳаммадбоқир Қолибоф ва Раиси шаҳри Теҳрон муҳтарам Алиризо Зоконӣ, баргузор гардиданд.

Дар доираи нахустин сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз як қатор ширкатҳои технологию инноватсионӣ ва маҷмааҳои таърихию фарҳангии шаҳри Теҳрон боздид ба амал оварданд.

Аз рӯи натиҷаҳои сафари босамари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар маҷмӯъ, 15 санади нав оид ба ҳамкории байнипарламентӣ, ҳамкории байниминтақавӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва гуманитарӣ, инчунин, ҳамкории тиҷоратию истеҳсолӣ ба имзо расид, ки ба густариши робитаҳои байнипарламентӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, рушди истеҳсолоти ватанӣ, ворид намудани технологияҳои муосир, таъсиси коргоҳҳои нав ва тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодию тиҷратӣ байни Тоҷикистону Эрон мусоидат хоҳанд кард.

Дар доираи сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон санадҳои



нави ҳамкории зерин ба имзо расиданд:

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва муованати илмӣ, фанноварӣ ва иқтисоди донишбунёни Раёсати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкории илмӣ ва фанноварӣ;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва шаҳрдории Теҳрон дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва гуманитарӣ.

Ҳамчунин, дар ҳошияи сафари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон бо мақсади таҳким бахшидани муносибатҳои дуҷониба байни намояндагони бахши хусусӣ як қатор чорабинию муколамаҳои судманд баргузор гардида, зимни онҳо як қатор созишномаю шартномаҳои ҳамкорӣ байни соҳибкорони Эрону Тоҷикистон ба имзо расонида шуданд.

Санадҳои баимзорасида бо мақсади густариш додани ҳамкориҳо дар соҳаҳои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ, нассоҷӣ, сохтмонӣ, маводи доруворӣ ва ғайра аз рӯи талаботи бозори имрӯзаи минтақавию ҷаҳонӣ ва бо истифода аз имкониятҳои дохилии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ ба шарикон аз Ҷумҳурии Исломии Эрон мавриди амал қарор мегиранд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳамкориҳои сохторҳои бахши хусусӣ байни ҳар ду давлат дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар аснои ҳамдигарфаҳмӣ ва манфиати ҷонибҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар маҷмӯъ, барои амалисозии ин санадҳои муҳими ҳамкорӣ ҷалб гардидани беш аз 1,3 миллиард сомонӣ ба иқтисодиёти кишвар дар назар аст.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои истиқболи гарм ва меҳмоннавозии самимӣ ба ҷониби мизбон арзи сипос намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки байни Душанбе ва Теҳрон ҳанӯз соли 1995 муносибатҳои бародаршаҳрӣ барқарор гардида, дар ин давра байни пойтахтҳои ҳар ду давлат дар асоси эътимод ва арҷгузорӣ ба арзишҳои муштарак ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои алоҳида сурат гирифтанд.

Теҳрон ҳамчун маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратию молиявӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон солҳои охир дар бахшҳои гуногуни шаҳрдорӣ ба дастовард ва рушду пешрафти назаррас ноил шудааст.

Изҳори умед карда шуд, ки робитаҳои наздики Душанбе ва Теҳрон имкон медиҳад, ки ҷонибҳо бо назардошти иқтидорҳои бузурги саноатӣ ва илмию фарҳангии ҳар ду пойтахт ҳамкориҳои минбаъдаи дуҷонибаро тақвият диҳанд. Аз ин рӯ, тақвияти ҳамкориҳо дар самтҳои тиҷорату иқтисод, саноат, фарҳанг ва гуманитарӣ, инчунин, табодули таҷриба дар фаъолияти шаҳрсозӣ, ободонӣ ва идораи маҷмӯи инфрасохтори шаҳрҳо барои ҳар ду ҷониб муҳим арзёбӣ гардид.

Дар фарҷоми мулоқот бо мақсади тавсеа ва таъмиқи равобити судманди байни Душанбе ва Теҳрон аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси шаҳри Теҳрон муҳтарам Алиризо Зоконӣ «Барномаи ҳамкорӣ миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва шаҳрдории Теҳрон дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва гуманитарӣ» ба имзо расонида шуд.

Ҷонибҳо изҳори боварӣ намуданд, ки санади нави ҳамкорӣ миёни бародар-

**www.majmilli.tj**

# ВОХӮРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ҲАҚАН ФИДАН

**Даҳуми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Ҳақан Фидан мулоқот намуд.**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода зимни мулоқот таъкид намуд ки: «Ҷумҳурии Туркия дар стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол мекунад ва мо ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия манфиатдор ҳастем. Аз давраи барқарор гардидани муносибатҳои дипломатии кишварҳоямон дар натиҷаи кӯшишҳои муштарак муносибатҳои дуҷониба бемайлон рушд карданд. Ин сатҳи равобити Тоҷикистону Туркия, албатта, пеш аз ҳама хизматҳои роҳбарияти олии давлатҳоямон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Реҷеп Тайип Эрдуғон мебошад».

Зикр гардид, ки парлумонҳо дар пешбурди муносибатҳои бисёрҷониба ва татбиқи ҳадафҳои рушди устувор нақши муҳим мебозанд.

- Мо бо Маҷлиси бузурги миллии Ҷумҳурии Туркия равобити байнипарлумонӣ ва муносибати дӯстии хуб дорем. Дар ин замина гурӯҳҳои дӯстӣ таъсис ёфта, фаъолияти онҳо ҳанӯз аз соли 2000-ум то ба имрӯз самарабахш идома дорад,- зикр намуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳамкориҳои пурмаҳсулу судманд бо кишвари бародари Туркия таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, таҳкими равобити иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои барои ҳар ду кишвар муҳимро мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад.

- Вақти он расидааст, ки гурӯҳҳои дӯстию иттиҳодияҳои ҳар ду кишвар ҳуҷҷатҳои байнидавлатиро, ки парлумонҳо тасдиқ ва қабул намудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳодҳои муфид ва мувофиқашуда манзур намоянд. Боварӣ дорем, ки табодули ҳайатҳо дар сатҳи олӣ, раисони кумитаҳо ва роҳбарони гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ ба рушди ин самти ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Умед дорем, ки натиҷаи сафари Шумо, ҷаноби вазир, ба нафъи ҳар ду кишвар самар хоҳад дод, - гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ ДУ СОЗИШНОМАИ НАВИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ САНОАТ

**Даҳуми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Мирзо, директори иҷроияи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто гурӯҳ» Зафар Бурҳонзода, директори генералии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» Валӣ Самиев, директори генералии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» Эркин Камолов ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ**

**2. Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак.**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ» сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**Хуршед МИРЗО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, тибқи тартиби муқарраргардида, таҳия гардид.



Созишномаи сармоягузории мазкур ба татбиқи лоиҳа бо ҷалби сармояи мустақим равона гардида, амалишавии он барои рушди соҳаи саноати



сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Дар марҳилаи аввал иқтидори истеҳсолии корхонаҳои таъсисшаванда 5 500 тонна ришта (дар марҳилаи 2 - 10 800 тонна ришта), 3 600 тонна матои патдори рангуборшуда ва зиёда аз 1 000 000 дона маҳсулоти дӯзандагиро дар як сол ташкил медиҳад. Инчунин, ба кор даровардани корхонаҳои зикршуда барои таъсиси зиёда аз 2 000 ҷойи кори доимӣ ва то 1 500 ҷойи кори мавсимӣ замина мегузорад.

Бо назардошти ҷалби сармоя ба рушди соҳаи саноати сабук, муҳайё сохтани инфрасохтор ва шароити зарурӣ, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Рустам Раҳматзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ, 8-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шуда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Тибқи лоиҳаи созишномаи мазкур, бо мақсади рушди соҳаи нассоҷӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ, дар ҳудуди мамлакат таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ, аз қабили корхонаҳои пахтатозакунию ресандагӣ, бофандагию дӯзандагии аз лиҳози экологӣ безарар, пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи мазкур пурра аз ҳисоби маблағҳои сармоягузор дар ду марҳила амалӣ гардида, қабули он хароҷоти иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад. Марҳилаи якум 300 миллион сомониро ташкил медиҳад. Маблағгузории маҳилаи дуюм аз татбиқи пурраи марҳилаи якум вобаста буда, ҳаҷми умумии он тибқи ҳисобҳои пешакӣ то 300 миллион сомониро ташкил дода, муҳлати амалишавии он 12 сол муқаррар шудааст.

Тасдиқи созишномаи мазкур дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи саноат ва таъсиси зиёда аз 2 500 ҷойҳои нави кории доимӣ мусоидат менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи сармоягузории мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак» оғоз мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**Хуршед МИРЗО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Амалигардонии созишномаи сармоягузорӣ барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва татбиқи «Солҳои рушди саноат», инчунин, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мусоидат менамояд.

Сохтмон ва бунёди корхона бо ҷалби сармояи мустақим роҳандозӣ шуда, дар он 3 млн. метри мураббаъ маснуоти гилин, 3,5 млн. метри мураббаъ маснуоти сафолин, 40 ҳазор тонна маснуоти бетонӣ, 200 ҳазор метри мукааб маснуоти семент ва 250 ҳазор тонна оҳак истеҳсол мегардад.

Корхонаи мазкур бо истифода аз технологияҳои муосир ва риояи талаботи экологӣ бунёд гардида, дар он зиёда аз 200 ҷойи корӣ ташкил карда мешавад. Бо дарназардошти ин ва ҷалби сармоя ба рушди саноати сохтмон, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак 8-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2023 таҳти №1980 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Лоиҳа дар ду марҳила амалӣ мегардад. Марҳилаи якуми он аз санаи оғози корҳо, аз ҷумла интихоби майдони сохтмон, таҳияи асноди сохтмонӣ, сохтмон ва васлу насби маҷмааи иншооти техникӣ, дастгоҳу таҷҳизот барои истеҳсоли маснуот ва марҳилаи дуюм аз рӯзи оғози истеҳсолот то рехтан ва бастабандии маҳсулот, фурӯш ва содироти онро дар бар мегирад.

Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои амалишавии лоиҳа 40 миллион доллари амрикоиро ташкил дода, муҳлати амалишавиаш 10 сол муқаррар гардидааст.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ХОК»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» аз 16 октябри соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №9-10, мод.548) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати якум калимаи «маъданӣ» ба калимаи «минералӣ» иваз карда шавад;

- сархати дувоздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **харобшавии хок** – паст гардидани сифатҳои табиӣ, кимиёвӣ ва (ё) биологии хок дар натиҷаи равандҳои табиӣ ва антропогенӣ, ки ба камшавӣ ё нобудшавии сохт ва таркиби хок, инчунин иҷро нагардидани вазифаҳои муҳими экосистемавии он сабаб мегарданд;»;

- сархати сездаҳум хориҷ карда шавад.

2. Аз моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Дар моддаи 5:

- дар сархати дуюм калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи хок» иваз карда шавад;

- сархатҳои чорум, шашум ва ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- тасдиқи стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои амал дар соҳаи ҳифзи хок;

- тасдиқ намудани тартиби мансуб донистани хок ба хоки нодир ва хоке, ки ба он хатари аз байн рафтан таҳдид мекунад;

- муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳа».

4. Дар моддаи 6:

- дар қисми 1 калимаи «гуногуннавъии» ба калимаҳои «намудҳои гуногуни» иваз ва калимаҳои «ҷомеъ ва» хориҷ карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаи «ҷомеъ» ба калимаҳои «мақсадноки давлатию минтақавӣ» иваз карда шавад.

5. Дар моддаи 7:

- дар қисми 2 калимаи «шомили» хориҷ, калимаҳои «он, ки иҷрои вазифаҳояшро таъмин менамоянд, буда» ва «навъи» мувофиқан ба калимаҳои «онро дар бар гирифта,» ва «намуди» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «замини киштзорҳо» ба калимаҳои «заминҳои таъиноти кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми 3 моддаи 9 калимаҳои «навъ ва зернавъҳои» ба калимаҳои «намуд ва зернамудҳои» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 11:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳифзи қабати ҳосилхези хок аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва заминистифодабарандагон таъмин карда мешавад.»;

- дар қисми 4 калимаи «киштзорҳо» ба калимаҳои «заминҳои таъиноти кишоварзӣ» иваз карда шавад.

8. Дар қисми 2 моддаи 13 калимаҳои «чангу дуд» ба калимаҳои «партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба ҳаво ва объектҳои об» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 15:

- аз қисми 1 калимаи «аввал» хориҷ карда шавад;

- ба қисми 3 пас аз калимаи «натиҷаҳои» калимаҳои «корҳои вобаста ба» илова карда шаванд.

10. Дар моддаи 16:

- дар номи модда калимаи «камғизо» ба калимаи «харобшавӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 1 калимаҳои «камғизо, хушк ва сахт нашудани хок» ба калимаҳои «ҳифзи хок аз харобшавӣ, хушку сахтшавӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «камғизо нашудани», «маъданӣ ва органикӣ» ва «камғизошавӣ» мувофиқан ба калимаҳои «харобшавии», «органикӣ, минералӣ ва биологӣ» ва «харобшавӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «маъданӣ ва органикӣ» ба калимаҳои «органикӣ, минералӣ ва биологӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2027**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 449**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1045**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЗОТПАРВАРӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» аз 19 сентябри соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №8-9, мод. 653; с. 2018, №2, мод. 69) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархатҳои шашум ва ҳаждаҳум калимаи «арзёбии» ба калимаи «баҳодиҳии» иваз карда шавад;

- сархати нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**- хели (типи) дохилизотии ҳайвоноти кишоварзӣ** – гурӯҳи муайяни дохилизотӣ, ки бо хусусиятҳои биологию маҳсулнокӣ, сохти бадан ва намуди зоҳирӣ аз дигар гурӯҳҳо фарқият дорад;»;

- дар сархати ҳаждаҳум калимаҳои «зотпарварӣ давра» ба калимаҳои «кишоварзӣ давра» иваз карда шаванд;

- сархати бисту якум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**- селексионер** – шахсе, ки зот, хели (типи) дохилизотӣ ё дурагаи ҳайвоноти кишоварзиро офаридааст ва (ё) корфармо ё ворисi ҳуқуқии ӯ;»;

- сархати бисту дуюм хориҷ карда шавад.

2. Дар ном ва матни моддаи 3 калимаи «обӣ» ба калимаи «об» иваз карда шавад.

3. Дар матни моддаи 5 калимаҳои «зотпарварӣ бо» ба калимаҳои «кишоварзӣ бо» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми 1 моддаи 10, қисми 2 моддаи 11, қисми 2 моддаи 12, қисми 2 моддаи 13, қисми 2 моддаи 16, матни моддаи 18, қисми 3 моддаи 20, қисми 2 моддаи 21, қисми 4 моддаи 22 ва қисми 3 моддаи 24 пас аз калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «дар соҳаи кишоварзӣ» илова карда шаванд.

5. Сархати дуюми моддаи 6 хориҷ карда шавад.

6. Моддаи 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 7. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ мебошанд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- барномаҳои рушди соҳаи зотпарвариро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дастур, меъёр ва қоидаҳои фаъолият дар соҳаи зотпарвариро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзиро таҳия намуда, баҳисобгирии маълумотро дар соҳаи зотпарварӣ анҷом медиҳад;

- гузарондани озмоиш ва тасвиби расмии дастовардҳои нави селексиониро дар соҳаи зотпарварӣ таъмин менамояд;

- амали ҳуҷҷати ба шаҳодатнома ҳамарзиши маводи (маҳсулоти) зотии воридшавандаро, ки мақоми дахлдори давлати содиркунанда додааст, эътироф менамояд;

- номгӯйи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзиро дар корхонаҳои (хоҷагиҳои) зотпарварӣ ва муассисаҳои илмӣ, ки ҷинсҳои наринаи он барои офаридани зотҳои нав ё беҳтар намудани сифати зотҳои мавҷуда истифода мегарданд, муайян мекунад;

- бо тартиби муқарраргардида содирот ва воридоти зотҳои нави ҳайвоноти кишоварзиро амалӣ менамояд;

- баҳодиҳии сифати маводи (маҳсулоти) зотиро таъмин мекунад;

- барои дастгирии давлатии соҳаи зотпарварӣ, аз ҷумла нигоҳдории генофонди камшумор ва зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи зотҳои барои гузарондани корҳои селексионӣ фоиданок, чораҳои дахлдор меандешад;

- дар доираи ваколатҳои худ ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи зотпарпарӣ амалӣ менамояд;

- ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- назорати давлатиро дар соҳаи зотпарварӣ амалӣ менамояд;

- риояи дастур, меъёру қоидаҳои парваришро дар соҳаи зотпарварӣ назорат менамояд;

- барои ба вуҷуд овардани зотҳо, хели (типи) дохилизотӣ ё дурагаҳои нави сермаҳсули ҳайвоноти кишоварзӣ мусоидат менамояд;

- содирот ва воридоти зотҳои нави ҳайвоноти кишоварзиро назорат менамояд;

- назорати баҳодиҳии сифати маводи (маҳсулоти) зотиро амалӣ менамояд;

- ба ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ дар соҳаи зотпарварӣ мусоидат менамояд;

- дар доираи ваколатҳои худ ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи зотпарпарӣ амалӣ менамояд;

- ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.».

7. Дар моддаи 9:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» илова карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Нозирони давлатӣ оид ба зотпарварӣ бояд таҳсилоти зоотехникӣ ё байторӣ дошта бошанд.»;

- дар қисми 4:

- аз сархати ҳафтум калимаҳои «дар назди Хадамоти назорати давлатии зотпарварӣ» хориҷ карда шаванд;

- сархати ҳаштум хориҷ карда шавад.

8. Қисми 2 моддаи 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Тартиби пешбурди Феҳристи давлатии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ворид намудани маълумот оид ба зотҳои алоҳидаи аз рӯи мансубият, маҳсулнокӣ ва сифатҳои дигар афзалияти бештар дошта, гирифтани иқтибос аз Феҳристи мазкур ва интишори иттилооти расмиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян менамояд.».

9. Дар моддаи 13:

- дар қисми 3 калимаҳои «Шахсони мансабдор ва мутахассисони Хадамоти назорати давлатии зотпарварӣ, инчунин мутахассисони зотпарварӣ» ба калимаҳои «Мутахассисони соҳаи зотпарварии» иваз карда шаванд;

- сархати дуюми қисми 4 хориҷ карда шавад.

10. Моддаи $13^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $13^1$. Ҳуқуқи селексионер барои ҳифзи зот, хели (типи) дохилизотӣ ё дурагаи ҳайвоноти кишоварзӣ**

Ҳуқуқи селексионер барои зот, хели (типи) дохилизотӣ ё дурагаи ҳайвоноти кишоварзӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти селексионӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.».

11. Ба қисми 5 моддаи 15, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 25 пас аз калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2028**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 450**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1107**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТУХМИПАРВАРӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 2, мод. 20; с. 2015, №11, мод. 959) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз матни моддаи 3 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

2. Дар қисми дуюми моддаи 6, қисми сеюми моддаи 7, қисми дуюми моддаи 8, қисми дуюми моддаи 9, қисми дуюми моддаи 10, қисми дуюми моддаи 11, қисмҳои чорум ва панҷуми моддаи 16, матни моддаи 17, қисми якуми моддаи 18, қисми сеюми моддаи 19, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 20, қисми чоруми моддаи $21^1$, қисми сеюми моддаи 22, қисми сеюми моддаи 23, қисми панҷуми моддаи 26 калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 14:

- дар қисми якум калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаҳои «нашрияи расмии мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ» ба калимаҳои «нашрия ва сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз ва калимаҳои «ба шабакаи интернет» хориҷ карда шаванд.

4. Дар қисмҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми моддаи $14^1$ калимаҳои «мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо», «Мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо», «шабакаи интернет» ва «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» мувофиқан ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ», «Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ», «сомонаи расмӣ» ва «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

5. Дар сархатҳои дуюм ва сеюми қисми якуми моддаи $14^2$ калимаҳои «қаламрави» ва «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ҳудуди» ва «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми дуюми моддаи 21 калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар матни моддаи $21^2$ калимаҳои «мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд.

8. Моддаҳои 24 ва 25 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«**Моддаи 24. Сертификатсияи тухмӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ нақшаи сертификатсияи тухмиро барои намудҳои растаниҳои сертификатсияшаванда муайян менамояд.

Ҳар як маҷмӯи тухмӣ, ки барои фурӯш пешбинӣ шудааст, бояд сертификатсия карда шавад.

Сертификатҳои тасдиққунандаи навъ ва сифати тухмӣ барои ҳар як маҷмӯи тухмӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

**Моддаи 25. Шаҳодатномаи навъ ва сифати тухмӣ**

Шаҳодатномаи навъ ва сифат ба тухмии аслӣ, элита ва репродуксионӣ дар асоси ташхиси лабораторӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.».

9. Дар моддаи 27:

- дар қисми якум калимаи «иҷозатномаи» ба калимаи «иҷозати» иваз карда шавад;

- дар қисми шашум калимаҳои «иҷозатномаи» ва «мақоми ваколатдори давлатии карантини растаниҳо» мувофиқан ба калимаҳои «иҷозати» ва «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми ҳафтум калимаҳои «иҷозатномаи» ва «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» мувофиқан ба калимаҳои «иҷозати» ва «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар қисми ҳаштум калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шаванд.

10. Моддаи 29 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 29. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ**

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва бехатарии озуқаворӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ мебошанд.».

11. Сархати дуюми моддаи $29^1$ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- тасдиқ намудани барномаҳои рушди соҳаи тухмипарварӣ;».

12. Моддаи $29^2$ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи $29^2$. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар самти тухмипарварӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар самти тухмипарварӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ;

- таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани барномаҳои рушди соҳаи тухмипарварӣ;

- тасдиқи нақшаи истеҳсоли тухмии растаниҳо;

- таҳия ва тасдиқи тартиби фаъолият дар соҳаи тухмипарварӣ;

- таъмини тасвиби расмии дастовардҳои нави селексионӣ дар соҳаи тухмипарварӣ, баҳисобгирии истеҳсоли тухмии растаниҳо;

- таҳлил ва мониторинги фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ дар самти истеҳсоли тухмӣ;

- муайян намудани тартиби истифодаи навъҳои тухмии растаниҳои ба Феҳристи давлатии навъҳо дохилкарданашуда;

- бо тартиби муқарраргардида амалӣ намудани содирот ва воридоти тухмии растаниҳо;

- амалӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи тухмипарварӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

13. Моддаи $29^3$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $29^3$. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дар самти тухмипарварӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дар самти тухмипарварӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- амалӣ намудани назорат ва танзими фаъолият дар соҳаи тухмипарварӣ;

- сертификатсияи тухмии ба фурӯш пешниҳодшуда, назорати кишти навъи тухмӣ дар саҳро ва қитъаҳои санҷишӣ, ташхиси лабораторӣ сифати навъӣ ва киштбобии тухмӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти ташкилию методӣ, назорати таъмини риояи стандартҳои давлатӣ ва қоидаҳои байналмилалӣ дар соҳаи тухмипарварӣ;

- назорати содирот ва воридоти тухмии растаниҳо;

- муқаррар намудани меъёрҳои илман асоснокшудаи сифати тухмӣ ва таҷҳизоти техникии ташхиси сифати тухмӣ;

- муқаррар намудани тартиби истифодаи борҷомаю воситаҳои борбандӣ, тамға, нигоҳдорӣ ва интиқоли тухмии растаниҳо;

- амалӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ оид ба назорати фаъолият дар соҳаи тухмипарварӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

14. Дар номи моддаи $29^3$ рақами «$29^3$» ба рақами «$29^4$» иваз карда шавад.

15. Дар моддаи 30:

- дар қисми якум калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии назорат ва сертификатсияи тухмӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шаванд.

16. Моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 31. Назорати давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ**

Роҳбарон ва кормандони дахлдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ фаъолияти худро дар самти тухмипарварӣ тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.».

17. Моддаи $31^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $31^1$. Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи тухмипарварӣ**

Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи тухмипарварӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» амалӣ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2029**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 451**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 ноябри соли 2023, № 1152**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303, мод. 304; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод. 143, №11, мод. 881; с. 2017, №1-2, мод. 18), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матни Кодекс калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

2. Ба қисми 1 моддаи 127 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- шахсоне, ки бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят якумра аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти омӯзгорӣ ва ё ишғоли мансабҳое, ки бо кор бо ноболиғон вобастагӣ доранд, маҳрум карда шудаанд;».

3. Ба моддаи 145 сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- шахси фарзандхондкарда бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят якумра аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти омӯзгорӣ ва ё ишғоли мансабҳое, ки бо кор бо ноболиғон вобастагӣ доранд, маҳрум шуда бошад;».

4. Ба қисми 2 моддаи 148 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- шахсоне, ки бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят якумра аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти омӯзгорӣ ва ё ишғоли мансабҳое, ки бо кор бо ноболиғон вобастагӣ доранд, маҳрум карда шудаанд;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2031**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 453**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 ноябри соли 2023, №1163**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ФАРҲАНГ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи фарҳанг танзим менамояд.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **фарҳанг** – маҷмуи арзишҳои моддию маънавӣ, ки ба рушди маънавӣ, қонеъ гардондани завқу ҳиссиёти зебоипарастии шахс ва ташаккули шахсият равона гардидаанд;

2) **фаъолияти эҷодӣ** – намуди фаъолияти фарҳангӣ, ки ба офаридан, ташаккул, таҷдид, тарғибу оммавигардонии арзишҳои фарҳангӣ равона гардидааст;

3) **фаъолият дар соҳаи фарҳанг** – фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба эҷоду ташаккул, ҳифз, эҳё ва татбиқи арзишҳои фарҳангӣ нигаронида шудааст;

4) **объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ** – объектҳо ё ашёҳои таърихии фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, ки аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва арзиши умумибашарӣ, умумимиллӣ ё маҳаллӣ доранд;

5) **сарватҳои таърихию фарҳангӣ** – арзишҳои маънавӣ ва ашёҳои моддии дорои арзиши миллӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ, илмию маърифатӣ, бадеӣ, маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ, ки арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ ба ҳисоб мераванд;

6) **сарватҳои фарҳанги миллӣ** – арзишҳои фарҳангӣ, ки дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ буда, ба Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид карда шудаанд;

7) **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг** – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи фарҳанг амалӣ намуда, раванди фарҳангиро дар муассисаҳои соҳаи фарҳанг, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон назорат менамояд;

8) **иттифоқҳои эҷодӣ** – иттиҳодияи ҷамъиятии кормандони касбии эҷодии як ё якчанд равияҳои фарҳангӣ, ки дар асоси узвият ва ихтиёрӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбанд;

9) **мероси таърихию фарҳангӣ** – маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ, ки аҳаммияти миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, бадеӣ, илмию маърифатӣ ва маънавию ахлоқӣ дошта, сарвати умумибашарӣ ба ҳисоб мераванд;

10) **мероси фарҳанги миллӣ** – маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ, ки аз нигоҳи аҳаммияти таърихию фарҳангӣ дорои дараҷаи махсуси арзиши миллӣ мебошанд;

11) **мероси фарҳанги ғайримоддӣ** – анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросим, муҳтавою моҳияти адабиёт ва воситаҳои шифоҳии ифодаи онҳо (забон, фолклор, урфу одат, донишу малака), ки ба ашёву ҳунарҳои бадеии халқӣ ва падидаҳои ба табиат алоқаманд вобастагӣ доранд;

12) **муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг** – муассисаҳои таълимӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки раванди таълиму тарбияро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, барномаҳои таълимиро дар соҳаи фарҳанг амалӣ менамоянд;

13) **муассисаҳои илмӣ – таҳқиқотии соҳаи фарҳанг** - муассисаҳое, ки доир ба рушди самтҳои мухталифи соҳаи фарҳанг корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ–методиро ба анҷом мерасонанд;

14) **муассисаҳои консертӣ** – муассисаҳое, ки барои ташкил ва гузаронидани консертҳо, тарғиби мусиқӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва чорабиниҳои дигари фарҳангию оммавӣ масъул мебошанд;

15) **бойгонӣ** - муассиса ё воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ, корхона ва ташкилот, ки ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгониро ба амал мебарорад;

16) **воситаҳои ахбори омма** – матбуоти даврӣ, агентиҳои иттилоотӣ, телевизиону радио, инчунин кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ, ки тавассути интишор, эфир ё кабел мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мешаванд;

17) **китобхона** – муассисаи иттилоотӣ, фарҳангӣ ва омӯзишӣ, ки дорои фонди муташаккили адабиёт, ҳуҷҷатҳо ва маводи дигари маънавӣ буда, онҳоро барои истифодаи муваққатӣ ба истифодабарандагон пешниҳод менамояд, инчунин хизматрасониҳои дигари китобдориро ба анҷом мерасонад;

18) **кино** – соҳаи фарҳанг ва санъат, ки маҷмуи фаъолияти касбӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ, илмӣ, техникӣ, таълимӣ ва иттилоотии ба офаринишу истифодаи филмҳо нигаронидашударо дар бар мегирад;

19) **нашриёт** – муассисае, ки маҳсулоти чопиро интишор менамояд, аз ҷумла ҷиҳатҳои ташкилӣ, забонӣ, молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва таъминоти дигари интишори онро ба уҳда дорад;

20) **осорхона** – муассисаи ғайритиҷоратии фарҳангӣ, ки бо мақсади дарёфт, бақайдгирӣ, гурӯҳбандӣ, барқароркунӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва намоиши оммавии ашё ва коллексияҳои таърихию фарҳангӣ таъсис дода мешавад;

21) **сирк** – муассисае, ки ба санъати намоишӣ, басаҳнагузорӣ ва намоиши қобилияти фавқулодаи инсон, зебогии ҷисм, рамзи ҷасорату шуҷоат машғул мебошад;

22) **театр** – муассисае, ки фаъолияти асосии он офаридан ва ба тамошобин ба таври зинда иҷро ва пешниҳод намудани намоишномаҳои театрӣ ва дигар намоишномаҳо мебошад;

23) **телевизион ва радиошунавонӣ** – муассисае, ки пахши барномаҳо ва ахборро бо истифода аз шабакаҳои кабелӣ, ноқилӣ, моҳворавӣ, бисёрканалаи рақамӣ, компютерӣ, аз ҷумла шабакаи байналмилалӣ ва дигар шабакаҳо ба роҳ мемонад;

24) **корманди соҳаи фарҳанг** – шаҳрванде, ки дар муассиса ё воҳиди сохтори мақомоти давлатӣ дар эҷод, ташаккул, татбиқ, ҳифз ва рушди арзишҳои фарҳангӣ саҳм гузошта, дар ҳамин соҳа кору фаъолият мекунад;

25) **корманди касбии эҷодӣ** – шахси воқеӣ, ки фаъолияти касбиаш ба эҷод ва ташаккули арзишҳои бадеӣ, таҷдид ё тафсири асарҳои бадеӣ ва санъат равона мегардад;

26) **ҳунарҳои бадеии халқӣ** – яке аз шаклҳои эҷодиёти халқӣ, фаъолият оид ба офаридани маснуоти бадеии таъиноташон манфиатрасон ва ё ороишӣ буда, дар асоси эҷодкунии инфиродӣ ва дастҷамъона рушд додани анъанаҳои мероси санъати халқӣ дар маҳалли муайян дар раванди меҳнати эҷодкоронаи дастӣ ва ё механиконидашудаи устоҳои ҳунарҳои бадеии халқӣ амалӣ гардонда мешаванд;

27) **чорабиниҳои намоишии фарҳангию оммавӣ** – чорабиниҳое, ки бахшида ба таҷлили ҷашну тантанаҳо, санаҳои таърихӣ, рӯзҳои фарҳангӣ, фестивалҳо, намоишҳо, озмунҳо ва ҷовидон гардонидани хотираи арбобони шинохтаи сиёсию давлатӣ, фарҳангию илмӣ ва ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳал, минтақа, вилоят, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ баргузор карда мешаванд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарҳанг**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарҳанг ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур фаъолият дар соҳаи фарҳангро дар самтҳои зерин танзим менамояд:

1) кашф, ҳифз, тармим ва истифодаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ;

2) адабиёти бадеӣ, кинематография, санъати саҳнавӣ, рақсӣ, мусиқӣ, тасвирӣ, суратгирӣ ва дигар намуду навъҳои (жанрҳои) санъат;

3) касбу ҳунари бадеии халқӣ, намудҳои фарҳанги халқӣ, забонҳо, лаҳҷаҳо, эҷодиёти шифоҳии халқ (фолклор), анъанаву маросим, номи мавзеъҳои таърихӣ;

4) эҷодиёти бадеии ҳаваскорон;

5) кори осорхона, ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ кардани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ;

6) табъу нашри китоб, фаъолияти китобдорӣ ва фаъолияти дигари фарҳангӣ, ки ба эҷоду ташвиқи китоб ва истифодаи он вобаста аст, инчунин фаъолияти муассисаҳои бойгонӣ;

7) телевизион, радио ва дигар воситаҳои намоишу шунавонидан дар мавриди офаридан ва густариши сарватҳои фарҳангӣ;

8) тарбияи зебоипарастӣ (эстетикӣ), маълумоти бадеӣ, фаъолияти омӯзгорӣ дар ин соҳа;

9) таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фарҳанг;

10) табодули байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг;

11) истеҳсоли мавод, таҷҳизот ва воситаҳои дигари марбут ба нигоҳ доштан, офаридан, интишор ва азхудкунии сарватҳои фарҳангӣ;

12) фаъолияти дигаре, ки тавассути он сарватҳои фарҳангӣ эҷод, ҳифз ва аз худ карда мешаванд.

**Моддаи 4. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

1. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Давлат бо мақсади рушди соҳаи фарҳанг ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд.

**Моддаи 5. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг аз принсипҳои зерин иборат аст:

1) иштироки озодонаи шаҳрвандон дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа;

2) кафолати қонеъгардонии талаботи фарҳангии шаҳрвандон ва таъмини ҳимояи ҳуқуқи онҳо дар соҳаи фарҳанг;

3) дастгирии шахсиятҳои боистеъдод дар соҳаи фарҳанг;

4) эҳтиром, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

5) дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг, ҳифз, рушд ва нигоҳдории мероси таърихию фарҳангии миллати тоҷик ва дигар халқу ақаллиятҳои миллие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд;

6) мусоидат ба рушди хусусиятҳои умумимиллӣ, илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи фарҳанг;

7) дастрасии шаҳрвандон ба арзишҳо ва сарватҳои фарҳангӣ;

8) таъмини фаъолияти озоди эҷодӣ, баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар самти эҷод, истифода, интишори арзишҳо ва сарватҳои фарҳангӣ;

9) ташаккул ва рушди эҷодиёти шифоии халқ (фолклор), анъана, ҷашну маросимҳо;

10) таъмини ҳамгироии фарҳанги халқи тоҷик бо фазои фарҳангии ҷаҳонӣ, пешниҳоди кафолатҳои ҳуқуқӣ бо мақсади нигоҳдории мероси таърихии халқи тоҷик, ҷамъиятҳои этникӣ, рушд ва таҷдиди иқтидори эҷодии ҷомеа;

11) эҳё ва ҳифзи намунаҳои фарҳанги халқӣ ва ҳунарҳои бадеии халқӣ;

12) таъмини ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идоракунии соҳаи фарҳанг;

13) ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои дигари ба пешбурди фаъолият дар соҳаи фарҳанг алоқаманд;

14) пешгирӣ ва бартараф намудани тамоилҳои инҳисорӣ дар самтҳои фаъолият дар соҳаи фарҳанг;

15) дастгирии давлатии иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ дар татбиқи фаъолият дар соҳаи фарҳанг.

**Моддаи 6. Ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, таҳсилот, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва хусусияти касбу кор ҳуқуқ доранд:

1) мутобиқ ба қобилият ба ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодӣ, тавассути интихоби мустақилонаи соҳаҳою шаклҳои татбиқи он, гирифтани таҳсилоти босифат, такмили истеъдод, маҳорат ва малака машғул шаванд;

2) фаъолияти эҷодии худро дар асосҳои касбӣ ва ғайрикасбӣ (ҳаваскорӣ) амалӣ намоянд;

3) новобаста аз фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии (ҳаваскорӣ) эҷодӣ аз ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, озодии истифодабарии маҳсули меҳнати худ аз дастгирии давлатӣ истифода намоянд;

4) намоиш ва фурӯши маҳсули фаъолияти эҷодии худро дар дохил ва хориҷи мамлакат мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намоянд;

5) сарватҳои таърихиву фарҳангӣ, китобхонаҳо, осорхонаю бойгониҳои давлатиро озодона истифода намоянд;

6) молики молу мулки дорои аҳаммияти таърихиву фарҳангӣ, биноҳо, муассисаҳо, корхонаҳо ва объектҳои дигари таърихиву фарҳангӣ бошанд;

7) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи фарҳанг ташкилот, муассисаю корхона, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои дигар таъсис диҳанд ва вазифаи миёнаравиро дар соҳа амалӣ намоянд;

8) аз имкониятҳои дигар дар соҳаи фарҳанг мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

2. Ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон ба арзишҳои фарҳангӣ таъмин карда мешавад, агар бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии махсус ба объектҳои муайяни мероси фарҳанги миллӣ маҳдуд нагардида бошад.

**Моддаи 7. Уҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд:

1) нисбат ба мерос, сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзу нигоҳдории онҳо бомасъулият буда, муносибати ғамхорона зоҳир намоянд;

2) фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, урфу одат, ҷашну маросимҳои халқи тоҷик, гурӯҳҳои этникӣ ва забонҳои дигарро эҳтиром намоянд;

3) ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки боиси вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ мегарданд, роҳ надода, тартиботи ҷамъиятӣ ва қоидаҳои муқаррарнамударо дар ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳои намоишии фарҳангӣ ва чорабиниҳои дигари оммавӣ риоя намоянд;

4) ба ҷойҳои гузарондани чорабиниҳои намоишии оммавӣ маводҳои сахттаъсири мадҳушкунанда ва моддаҳои дигар, ки истифодаи онҳо метавонад ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар расонад ва ё хавфнок бошад, бо худ наоранд;

5) ба саҳна, майдон, тахтасуфа, чуқурии оркестр, инчунин макони ҷойгиршавии тамошобинон ҳангоми гузарондани чорабиниҳои намоишии оммавӣ ҳар гуна ашёи ба ҳаёт ва саломатии инсон хавфнокро напартоянд;

6) ба истифодаи шиору овезаҳо, рамзҳо ва ашёҳои аёнии дигар, ки ба барангехтани низоъҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, маҳалгароӣ ва авлодӣ равона гардидаанд, инчунин ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми гузарондани чорабиниҳои намоишии оммавӣ поймол мекунанд, роҳ надиҳанд.

**Моддаи 8. Кафолати давлатии шаҳрвандон дар соҳаи фарҳанг**

1. Ба шаҳрвандон ҳуқуқи фаъолият намудан дар соҳаи фарҳанг тавассути фароҳам овардани имконияти баробари иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, гирифтани таҳсилоти босифати тахассусӣ, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти худ кафолат дода мешавад.

2. Мақомоти давлатӣ барои тарғиби мероси фарҳанги миллӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва муассисаҳои фарҳангӣ мусоидат намуда, барои таъмини хизматрасонӣ ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд зимни дастрасӣ ба истифодаи чорабиниҳои фарҳангӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешанд.

### БОБИ 2.
### САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 9. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

2) тасдиқ намудани дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳанг;

3) муайян намудани тартиби тағйири ҷой, нусхабардорӣ намудан ва таъмири объектҳои дорои арзиши махсуси таърихӣ ва фарҳангӣ;

4) тасдиқ намудани феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

5) таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои давлатии сатҳи ҷумҳуриявии соҳаи фарҳанг;

6) муайян намудани меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории соҳаи фарҳанг, тартиби маблағгузории муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳанг;

7) тасдиқ намудани тартиб ва шартҳои ба муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳанг ва дастаҳои алоҳидаи касбии бадеию эҷодӣ додани мақоми «ҷумҳуриявӣ», «миллӣ» ва «академӣ»;

8) муайян намудани андозаи музди меҳнат, маоши вазифавӣ, меъёрҳо ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо, грантҳо, ҷоизаҳо ва стипендияҳо барои кормандони муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

9) ташкил ва татбиқи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи фарҳанг, расонидани ёрии методӣ барои пешбурди фаъолият дар соҳаи фарҳанг барои муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ;

10) таъмини рушди фарҳанг дар муҳити ҳаёти деҳот, аз ҷумла тавассути ҷойгиркунонии самараноки муассисаҳои фарҳангӣ;

11) ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ, ки дар инкишоф ва паҳнсозии арзишҳои фарҳангӣ, тарбияи мутахассисон саҳм мегузоранд;

12) мусоидат ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13) ташаккул ва инкишофи муҳити рақобатпазир дар соҳаи фаъолияти эҷодӣ;

14) ташкили воситаҳои ахбори омма, ки ба тарғибу оммавигардонии дастовардҳои соҳаи фарҳанг ва тарбияи завқи зебоипарастии ҷомеа равона гардидаанд;

15) танзими аз ҳудуди ҷумҳурӣ берун баровардан ва ба ҳудуди он воридсозии арзишҳо ва сарватҳои таърихию фарҳангӣ дар асоси талаботи қонунгузории амалкунанда;

16) тарбия ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи фарҳанг вобаста ба талаботи соҳа дар дохил ва хориҷи мамлакат;

17) тасдиқ намудани низомномаҳои намунавии муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

18) тасдиқ намудани қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи кормандони соҳаи фарҳанг;

19) тасдиқ намудани қоидаҳои аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг;

20) тасдиқ намудани низомномаи намунавии комиссия оид ба муваққатан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ;

21) амалӣ намудани салоҳияти дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 10. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дохил мешаванд:

1) иштирок дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

2) таҳияи пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи мероси моддӣ ва ғайримоддии фарҳангӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳанг;

4) амалӣ намудани барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳанг;

5) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

6) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намудани чорабиниҳо вобаста ба ҳифз, баҳисобгирӣ, консерватсия, азнавбарқароркунӣ ва истифодаи мақсадноки сарватҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин ҷовидон гардондани хотираи ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

7) муайян ва тасдиқ намудани тартиби ягонаи ҷамъоварии маълумоти омории соҳаи фарҳанг;

8) муайян намудани қоидаҳои баҳисобгирии гурӯҳҳои ҳунарӣ, ансамблҳо, ҳунармандони алоҳида, продюсерон, марказҳои продюсерию эҷодӣ;

9) дастгирӣ ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти муассисаҳои давлатии дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дар соҳаи фарҳанг оид ба рушди осорхона, фаъолияти китобдорӣ, мусиқӣ, санъати театрӣ, кинематография ва ҳунарҳои бадеии халқӣ;

10) таҳия ва тасдиқ намудани низоми ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи фарҳанг;

11) тасдиқ намудани қоидаҳои тартиби мониторинг, баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

12) тасдиқ намудани тартиби ҷобаҷогузории мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии соҳаи фарҳангро хатм менамоянд;

13) тасдиқ намудани қоидаҳои ташкил ва баргузории фаъолияти сафарҳои ҳунарӣ;

14) бақайдгирии давлатӣ ва муайян кардани тартиби истифодаи мероси фарҳанги миллии дар хориҷи кишвар ҷойдошта, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

15) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани тартиби ба китобхонаҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ додани мақоми «марказӣ»;

16) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани низомномаҳои намунавии муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

17) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани қоидаҳои гузарондани аттестатсияи кормандони соҳаи фарҳанг;

18) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани қоидаҳои аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг;

19) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани низомномаи намунавии комиссия оид ба муваққатан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ;

20) аттестатсияи кормандони соҳаи фарҳанг, баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

21) тасдиқ намудани тартиби ташаккулдиҳӣ ва нигоҳдории фонди осорхонавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

22) таъсис додани шуроҳои соҳавии бадеӣ-экспертӣ ва тасдиқ намудани низомномаи онҳо;

23) амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳо оид ба ҷустуҷӯ ва дастгирӣ намудани ҷавонони болаёқат ва дастаҳои ҳаваскорӣ ва худфаъолияти фарҳангӣ;

24) ҳамоҳанг ва амалӣ сохтани сиёсати репертуарӣ дар самти санъати мусиқӣ, театрӣ ва дигар соҳаҳои фарҳанг;

25) таҳия ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ намудани қоидаҳои хизматрасонии пулакӣ оид ба пешниҳоди (фурӯши) мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

26) пешниҳоди дархостҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дохил намудани ҷузъҳои мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО, ки ба ҳифзи фаврӣ ниёз доранд;

27) ҳамоҳангсозии фаъолияти байнисоҳавии илмӣ ва илмию техникӣ бо мақсади амалӣ намудани консепсияҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои илмӣ, инноватсионӣ, технологию коммуникатсионӣ;

28) ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва робита бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг;

29) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

**Моддаи 11. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи фарҳангӣ доранд**

Ба ваколатҳои вазорату идораҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар сохтори худ муассисаи фарҳангӣ доранд, дохил мешаванд:

1) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг тасдиқ намудани оинномаи муассисаи соҳаи фарҳанги тобеъиятдошта;

2) тасдиқ намудани барномаҳо оид ба рушди муассисаҳои соҳаи фарҳанги тобеъиятдошта;

3) ҳамоҳангсозии кори муассисаи соҳаи фарҳанг, новобаста ба тобеияти идоравӣ, дар ташкили фаъолият дар соҳаи фарҳанг;

4) ба роҳ мондани тартиби такмили ихтисос ва аз аттестатсияи давлатӣ гузаштани кормандони муассисаҳои фарҳангии тобеи худ бо иштироки намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

5) андешидани чораҳо барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг;

6) муҳайё намудани шароит барои барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ;

7) ба роҳ мондани озмуни фармоишҳои эҷодӣ ва фарҳангӣ, тибқи тартиби муқарраршуда;

8) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Ба ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дохил мешаванд:

1) дастгирии муассисаҳои маҳаллии соҳаи фарҳанг;

2) таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳои мақсадноки маҳаллӣ оид ба рушди соҳаи фарҳанг;

3) пешниҳод намудани таклифҳо ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг барои ба Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид намудани ёдгориҳои дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ;

4) баҳисобгирӣ, ҳифз, консерватсия, азнавбарқароркунӣ, истифода бурдани сарватҳои таърихию фарҳангии минтақа ва шаҳру ноҳия;

5) ҷовидон гардондани хотираи ходимони намоёни кишвар дар соҳаи фарҳанг;

6) амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳо оид ба ҷустуҷӯ ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва дастаҳои эҷодию ҳунарӣ;

7) риоя намудани тарзи махсуси нигоҳдории объектҳо ва сарватҳои миллии фарҳангӣ;

8) ҷалб намудани иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар корҳои тарғиботӣ оид ба ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ;

9) таъсис додани фонди рушди фарҳанг дар маҳал;

10) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 13. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар соҳаи фарҳанг**

Ба ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар соҳаи фарҳанг дохил мешаванд:

1) ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд;

2) пешбурди ҳисоботи оморӣ ва пешниҳоди онҳо ба мақомоти болоӣ;

3) таъин ва озод намудани роҳбарони муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) ташкили такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи фарҳанг тавассути шабакаи кабинетҳои методӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 14. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи фарҳанг**

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи фаъолияти худ ваколатҳои зеринро доро мебошанд:

1) муассисаҳои маҳаллии соҳаи фарҳангро дастгирӣ менамоянд;

2) барои беҳтар намудани раванди кори муассисаҳои фарҳангӣ ва шароити моддию маишии кормандони соҳаи фарҳанг мусоидат менамоянд;

3) барои беҳтар шудани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи фарҳанг чораҳо меандешанд;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

### БОБИ 3.
### ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 15. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони соҳаи фарҳанг**

1. Кормандони соҳаи фарҳанг ҳуқуқ доранд:

1) бо мақсади амалисозии фаъолияти эҷодӣ аз хизматрасонии муассисаҳои соҳаи фарҳанг истифода баранд;

2) шахсони дигарро ба фаъолияти худ ҷалб кунанд;

3) ба иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тибқи завқи эҷодӣ ва касбӣ дохил шаванд;

4) дар соҳаи эҷодиёти бадеии халқӣ фаъолият намуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махфияти касбиашонро ҳифз ва натиҷаи меҳнаташонро озодона ихтиёрдорӣ намоянд;

5) бо мақсади амалисозии фаъолияти касбӣ бо шароити мусоид таъмин карда шаванд;

6) ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд;

7) шаклу усулҳои самарабахши фарҳангиро интихоб ва татбиқ намоянд;

8) барои такмили маҳорати касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рухсатии эҷодӣ истифода намоянд.

2. Кормандони соҳаи фарҳанг уҳдадоранд:

1) низомнома, оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

2) маълумотро вобаста ба фаъолияти эҷодӣ, ки фош ё гум кардани он ба манфиати касбии онҳо зарар мерасонад, ҳифз намоянд;

3) шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд;

4) сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;

5) фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд;

6) барои такмил ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд;

7) метавонанд дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

**Моддаи 16. Имтиёзҳои кормандони соҳаи фарҳанг**

1. Давлат барои корманди соҳаи фарҳанг шароити мусоид муҳайё намуда, ба онҳо имтиёзҳоро кафолат медиҳад. Кормандони соҳаи фарҳанг дорои чунин имтиёзҳо мебошанд:

1) барои меҳнати шоиста ва дастовардҳо дар фаъолияти касбӣ бо мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ сарфароз гардонда шаванд;

2) ба рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштан ва бе нигоҳ доштани музди меҳнат, рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бароянд;

3) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳхатҳои муассисаҳои табобатию истироҳатӣ истифода намоянд;

4) хонаи истиқоматиашонро, ки дар фонди давлатӣ ё ҷамъиятии манзил қарор дорад, дар сурати доштани собиқаи кории на камтар аз 15 сол дар соҳа, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусӣ намоянд;

5) имтиёзҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Ба кормандони муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг имтиёзҳои ба кормандони соҳаи маориф баробаркардашуда дода мешаванд.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва муассисаҳо метавонанд аз ҳисоби захираҳои дохилии худ барои кормандони соҳаи фарҳанг имтиёзҳои иловагиеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, муайян намоянд.

4. Кормандони муассисаҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи фарҳанг аз имтиёзҳое, ки барои кормандони муассисаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи баробар истифода бурданро доранд.

### БОБИ 4.
### ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 17. Фаъолият дар соҳаи фарҳанг**

Фаъолият дар соҳаи фарҳанг тавассути эҷод, таблиғ, паҳн намудан, истифода ва ҳифзи сарватҳои таърихию фарҳангӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла онҳое, ки фаъолияти эҳсонкориро амалӣ менамоянд, ба воситаи муассисаҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои дигари дахлдор анҷом дода мешавад.

**Моддаи 18. Субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ**

Субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ фаъолияти худро дар шакли дастаҷамъӣ ё инфиродӣ, давлатӣ, ғайридавлатӣ ва муштарак амалӣ менамоянд. Субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ инҳо мебошанд:

1) ташкилотҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;

2) шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони соҳаи фарҳанг, кормандони эҷодӣ, эҳсонкорон, соҳибкорон;

3) муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар муассисаю ташкилотҳои пешбаранда ва татбиққунандаи фаъолият дар соҳаи фарҳанг;

4) дастаҳои ҳунарӣ, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ намебошанд;

5) иттифоқҳои эҷодӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фарҳанг;

6) ташкилотҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) дигар шахсони ҳуқуқие, ки ба ҳифз, инкишоф ва паҳнсозии осори фарҳангӣ машғуланд.

**Моддаи 19. Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ**

1. Барои татбиқи фаъолият дар соҳаи фарҳанг муассисаҳои фарҳангӣ таъсис дода мешаванд. Вазифаи асосии муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ - қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа мебошад.

2. Фаъолияти муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба самтҳои зерин равона карда мешавад:

1) нигоҳдорӣ ва таблиғи санъати халқӣ, анъанаю маросимҳои этникии фарҳангӣ, мутобиқгардонии онҳо ба шароити муосири таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ;

2) ташкил намудани ҷашнҳо, консертҳо, муаррифиҳо, фестивалу озмунҳо, намоиши амалии санъати мусиқӣ ва тасвирӣ;

3) тарғиб намудани дастаҳои ҳунарӣ, падидаҳои нав ба воситаи иштирок дар ҷашнҳо, озмуну фестивалҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва минтақавӣ.

**Моддаи 20. Мақоми муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳангро оинномаи онҳо танзим намуда, тартиби таҳия ва татбиқи онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Низомномаи намунавии муассисаҳои соҳаи фарҳанг аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

3. Ба муассисаҳои соҳаи фарҳанг, дастаҳои касбии бадеӣ ва эҷодӣ, ки фаъолияти онҳо дар соҳаи фарҳанг дорои аҳаммияти махсуси давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, мумкин аст мақоми «миллӣ» дода шавад. Мақоми «миллӣ» бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

4. Ба муассисаҳои соҳаи фарҳанг, дастаҳои касбии бадеӣ ва эҷодӣ, ки фаъолияти онҳо дар соҳаи фарҳанг назаррас мебошад, барои саҳми намоён дар ташаккул, рушд ва таблиғи фарҳангу санъати миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми «академӣ» дода мешавад.

5. Низомномаҳои намунавии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ки дорои мақоми «ҷумҳуриявӣ», «миллӣ» ва «академӣ» мебошанд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Ба китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ки ба ташаккул, нигоҳдорӣ ва ба истифода додани маҷмуаҳои универсалии ҳуҷҷатҳо, ташкил намудани истифодаи муштараки захираҳои китобхонаҳо машғуланд ва ба китобхонаҳои дигари тобеашон ёрии методӣ мерасонанд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг мақоми «марказӣ» дода мешавад.

**Моддаи 21. Муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи фарҳанг**

1. Ба муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1) муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг;

2) муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

3) китобхонаҳо;

4) осорхонаҳо;

5) хона-музейҳо;

6) қасрҳои (коххои) фарҳанг;

7) хонаҳои фарҳанг;

8) фарҳангсаройҳо (клубҳо);

9) марказҳои фарҳангию фароғатӣ;

10) боғҳои фарҳангию фароғатӣ;

11) театрҳо (касбӣ, халқӣ);

12) филармонияҳо (давлатӣ, мардумӣ);

13) сирк;

(Давомаш дар саҳ. 5)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ФАРҲАНГ

(Идома аз саҳ. 4)

14) мамнӯъгоҳҳо;
15) осорхона-мамнӯъгоҳҳо;
16) муассисаҳои табъу нашр;
17) воситаҳои ахбори омма;
18) амфитеатрҳо;
19) оркестрҳо;
20) ансамблҳо;
21) гурӯҳҳои эҷодӣ;
22) бойгониҳо;
23) кинотеатрҳо;
24) хонаҳои кино;
25) киносалонҳо;
26) толори намоишгоҳҳо;
27) марказҳои дизайнерӣ;
28) муассисаҳои таҳқиқотӣ ва тармимӣ;
29) минтақаҳои фарҳангии таърихӣ;
30) марказҳои ҳунарҳои бадеии халқӣ;
31) марказҳои миллии фарҳангӣ;
32) студияҳо;
33) галереяҳои санъати тасвирӣ;
34) устохонаҳои эҷодӣ;
35) устохонаҳои тармими асбобу иншооти таърихию фарҳангӣ.

2. Муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи фарҳанг танҳо дар сурати мавҷуд будани заминаи моддию техникӣ мутобиқ ба меъёрҳои хизматрасонии фарҳангии аҳолӣ таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 22. Тартиби таъсис ва барҳамдиҳии муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода шуда, дар ин раванд бояд асосҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:
1) намудҳои муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар асоси мансубияташон ба сохторҳои низоми фарҳанг муайян карда мешавад;
2) муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи фарҳанг, ки мақоми маҳаллӣ доранд, дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг таъсис дода шуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ мегузаранд;
3) барҳамдиҳии муассисаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг танҳо бо розигии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг амалӣ карда мешавад.

2. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг аз рӯи шакли ташкилёбӣ ва моликияташон метавонанд давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва аз рӯи мақсади фаъолияташон тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ бошанд.

**Моддаи 23. Муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг**

1. Муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таълиму тарбияро дар соҳаи фарҳанг ба роҳ монда, барномаҳои таълимиро дар соҳаи мазкур амалӣ менамоянд.

2. Муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг метавонанд ба сафи донишҷӯён довталабонеро қабул намоянд, ки дар соҳаи фарҳангу ҳунар истеъдоди нодиру қобилияти фавқулода доранд, ё худ ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявӣ мебошанд.

**Моддаи 24. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи фарҳанг**

1. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи фарҳанг дар асоси барномаю лоиҳаҳо самтҳои гуногуни фарҳанги миллӣ ва фарҳанги ақаллиятҳои миллию этникии сокини Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор медиҳанд.

2. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар самти омӯзиш ва пажуҳиши фарҳанги миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ бо муассисаҳои илмии хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, аз грантҳои байналмилалӣ бо иҷозати мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг истифода баранд.

**Моддаи 25. Муассисаҳои табъу нашр**

1. Муассисаҳои табъу нашр интишори маҳсулоти чопӣ, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ, молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва таъминоти дигари вобаста ба онро ба уҳда доранд.

2. Мақсади фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ қонеъ намудани талаботи маънавии шахс, ҷомеа ва давлат, мусоидат намудан ба рушди фарҳанги миллӣ бо роҳи афзоиши номгӯй, адади нашр ва ҳаҷми маҳсулоти чопӣ, инчунин баланд бардоштани фарҳанги аҳли ҷомеа тариқи дастрасӣ ба маҳсулоти чопӣ, муаррифии арзишҳои башардӯстона ва тарҷумаю чоп кардани асарҳои машҳури адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ таъсис диҳанд.

**Моддаи 26. Муассисаҳои консертӣ**

1. Муассисаҳои консертӣ маҷмуи чорабиниҳоро бо мақсади фароҳам овардани шароит барои намоиши оммавии асарҳои адабиёт ва санъат, тарғиби дастаҳои бадеӣ ва ҳунармандони алоҳида анҷом медиҳанд. Намудҳои муассисаҳои консертӣ инҳоянд:
1) филармония;
2) ансамбл;
3) оркестр;
4) хона ва қасрҳои фарҳанг;
5) дигар муассисаҳои фарҳангӣ, ки фаъолияти мазкурро амалӣ менамоянд.

2. Вазифаи асосии муассисаҳои консертӣ тарбияи завқу ҳиссиёти зебоипарастию тарғиби мусиқӣ, таъмини шароит барои эҷоди барномаю баромадҳо ва намоишҳои баландмазмун, ташкили консертҳои дастаҳои касбии бадеӣ ва ҳунармандони алоҳида, амалисозии фаъолияти бадеӣ-равшаннамой ва рушди мусиқӣ мебошад.

3. Муассисаҳои консертӣ дар фаъолияти эҷодии худ мустақил буда, барномаҳои эҷодӣ пешниҳод менамоянд. Репертуари эҷодии муассисаҳои консертӣ аз ҷониби муассисон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг тасдиқ карда мешавад.

4. Фаъолияти муассисаҳои консертӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 27. Осорхона**

1. Осорхона ҳамчун муассисаи фарҳангӣ бо мақсади нигоҳдорӣ, омӯхтан, намоиши оммавии ашё ва коллексияҳои осорхонавӣ таъсис дода шуда, тарғиби мероси таърихию фарҳангии миллиро ба роҳ мемонад.

2. Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ашё ва коллексияи осорхонавӣ иборат буда, қисми таркибии мероси таърихию фарҳангии халқи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

3. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон осорхонаҳои гуногунсоҳа ва гуногуншакл, аз ҷумла осорхона-мамнӯъгоҳҳо ва осорхонаҳои шахсӣ, таъсис додан мумкин аст.

**Моддаи 28. Сирк**

1. Сирк ҳамчун муассисаи санъати намоишӣ ба тамошобинон қобилияти фавқулода ва рамзи ҷасорату шуҷоати инсонро дар шакли намоиши оммавӣ пешниҳод менамояд.

2. Мақсади фаъолияти сирк рушд ва тарғиби санъати сирк, ташаккул додани соҳа, татбиқ намудани лоиҳаҳои навоварона ва қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба санъати сирк ва фароғати онҳо мебошад.

3. Тартиби фаъолияти муассисаи сиркро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг амалӣ менамояд.

**Моддаи 29. Театр**

1. Театр ҳамчун муассисаи фарҳангӣ фаъолиятро дар асоси эҷод намудан, ба тариқи мустақим пешниҳод кардани асарҳои драмавӣ, мусиқию драмавӣ, мусиқӣ, хореографӣ, пантомима, ҳаҷвӣ ва тарзи дигар ба роҳ мемонад.

2. Мақсади фаъолияти театр рушди санъати театрӣ, ташаккул ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо санъати саҳнавӣ мебошад.

3. Театр, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, дар интихоби самтҳои бадеӣ, репертуар, эҷод, оммафаҳм намудани асарҳои саҳнавӣ, интихоби равияи эҷодӣ, барнома ва фаъолияти дигари барои рушди босамари эҷодӣ ва истеҳсолӣ зарурӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мустақил мебошад.

**Моддаи 30. Телевизион ва радиошунавонӣ**

1. Муассисаҳои телевизион ва радиошунавонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ноқилӣ иборатанд, ки аз ҳисоби буҷет ва сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешаванд.

2. Танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ, вазъи ҳуқуқии муассисаҳои телевизион ва радиошунавонӣ, инчунин тартиби фаъолияти онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 31. Бойгонӣ**

1. Муассисаҳои бойгонӣ ташкил, бақайдгирӣ, истифода ва ҳифзи ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллиро амалӣ менамоянд. Фаъолияти Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Хазинаи бойгонии миллӣ қисми таркибии осори таърихӣ ва фарҳангии ватанию ҷаҳонӣ, инчунин захираи иттилоотии ҷомеа буда, таркиби он аз маҷмуи ҳуҷҷатҳое иборат мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудуди он нигоҳ дошта шудаанд ва таърихи ҳаёти маънавию моддии ҷомеаро инъикос намуда, арзиши илмӣ ва таърихию фарҳангӣ доранд.

3. Фаъолияти муассисаҳои бойгоние, ки ба низоми нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллӣ осеб мерасонанд ё талаботи бақайдгирии давлатии ҳуҷҷатҳоро вайрон мекунанд, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта мешавад.

**Моддаи 32. Китобхона**

1. Китобхона бо мақсади иҷрои (таъмини) вазифаҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ фондҳои муташаккили адабиёт, китоб, ҳуҷҷатҳо, маводҳои дастнавис ва чопӣ, аз ҷумла дар ҳомилҳои электронӣ, маводи графикӣ ва аудиовизуалӣ ташкил намуда, онҳоро барои истифодаи муваққатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

2. Фондҳои китобхона, ки дар асоси низоми нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешаванд ва инчунин дорои ҳуҷҷатҳои махсуси арзишманд ва нодир мебошанд, мероси миллӣ ҳисобида шуда, метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳои таърихию фарҳангӣ эълон карда шаванд.

3. Китобхонаҳо дар фаъолияти молиявӣ мустақил буда, маблағгузориро, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешавад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона аз худ менамоянд.

**Моддаи 33. Кино**

1. Кино соҳаи махсуси фарҳанг ва санъат буда, шарти ҳатмии мавҷудияти он инкишофи заминаи эҷодӣ, истеҳсолӣ, таълимӣ, техникӣ, илмӣ ва иттилоотӣ мебошад.

2. Соҳаи асосии фаъолияти молиявии кино аз истеҳсоли филмҳо, нусхабардорӣ, паҳнкунӣ, намоиши оммавӣ, нигоҳдории филмҳо, рекламаи кино, нашриёти соҳаи кино ва тарғиби санъати кино иборат мебошад.

**Моддаи 34. Мақоми шуроҳои бадеии соҳавӣ ва иттифоқҳои эҷодӣ**

Бо мақсади мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва мақсаднок ба роҳ мондани фаъолиятҳои эҷодӣ шуроҳои бадеии соҳавӣ ва иттифоқҳои эҷодӣ ташкил карда ва таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 35. Шуроҳои бадеии соҳавӣ**

1. Бо мақсади мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг аз ҷониби мақомоти ваколатдор шуроҳои машваратию маслиҳатӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти театрӣ, мусиқӣ, осорхонашиносӣ, санъати тасвирӣ, нашрӣ ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати чунин шуроҳо ходимони намоёни соҳа, олимон, мутахассисон, намояндагони ташкилотҳои эҷодӣ ва таълимӣ дар соҳаи фарҳанг ворид карда мешаванд.

2. Вазифаи асосии чунин шуроҳо омодасозии пешниҳодҳо барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, баррасии асарҳои эҷодии пешниҳодгардида барои намоиш, дарёфти ҷоиза, мукофот ва дигар шаклҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад.

3. Шуроҳои соҳавии машваратию маслиҳатӣ фаъолияти худро дар асоси низомномаи намунавӣ дар бораи шурои бадеӣ-экспертӣ оид ба ҳунарҳои бадеии халқӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамоянд.

**Моддаи 36. Иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фарҳанг**

Кормандони касбии эҷодии як ё якчанд равияҳои фарҳангӣ бо мақсади амалисозии фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи фарҳанг метавонанд ба иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо шаванд.

**Моддаи 37. Иттифоқҳо, иттиҳодияҳо ва дастаҳои ғайрикасбии (ҳаваскорони) эҷодӣ**

1. Иттифоқҳо, иттиҳодияҳо ва дастаҳои ғайрикасбии (ҳаваскорони) эҷодӣ дар соҳаи фарҳанг мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд.

2. Дастаҳои ғайрикасбӣ (ҳаваскорони) эҷодӣ бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои соҳаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорон ва шаҳрвандон таъсис дода шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд.

3. Мақсади асосии иттифоқҳо, иттиҳодияҳо ва дастаҳои ғайрикасбии (ҳаваскорони) эҷодӣ аз инҳо иборатанд:
1) ташаккули истеъдодҳо ва коллективҳои эҷодӣ;
2) баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва эстетикии аҳолӣ;
3) муттаҳид намудани неру ва иқтидорҳои зеҳнии эҷодкорон;
4) омӯзиши таҷрибаи дастаҳои ҳунари касбии ватанӣ ва хориҷӣ.

4. Вазифаҳои асосии иттифоқҳо, иттиҳодияҳо ва дастаҳои ғайрикасбии (ҳаваскорони) эҷодӣ аз инҳо иборатанд:
1) ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва миллӣ;
2) талқини ғояҳои фарҳанги миллӣ ва волоияти арзишҳои миллӣ;
3) эҳё ва рушди ҳамаҷонибаи ҳунарҳои бадеии халқӣ;
4) тарбия намудан дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва завқи зебоипарастӣ;
5) ташкили маҳфилу чорабиниҳои гуногуни фарҳангию ҳунарӣ;
6) мусоидат ба рушди фарҳанги ҳуқуқӣ, дастгирӣ ва тарғиби ташаббусҳое, ки ба рушди дӯстиву ҳамкориҳои ҳамаи миллату халқиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд;
7) мусоидат ба эҳёи анъанаҳои фарҳанги миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.

5. Аз ҷониби иттифоқҳо, иттиҳодияҳо ва дастаҳои ғайрикасбии (ҳаваскорони) эҷодӣ таблиғ ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

**Моддаи 38. Ҳамкории муассисаҳои фарҳангии давлатӣ бо ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

1. Бо мақсади истифодаи самараноки молумулки дар ихтиёри муассисаҳои давлатии фарҳангӣ қарордошта, таъмини дастрасии озоди сарватҳои фарҳангӣ ва беҳтар кардани сифати онҳо муассисаҳои фарҳангии давлатӣ метавонанд бо ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар доираи шартномаҳо дар самтҳои зерин ҳамкориҳоро ба роҳ монанд.

2. Самтҳои ҳамкориҳои муассисаҳои фарҳангии давлатӣ бо ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ метавонанд аз инҳо иборат бошанд:
1) таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла дар самти филмсозӣ, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, ба роҳ мондани пажӯҳишҳо ва ғайра;
2) лоиҳакашӣ ва татбиқи корҳо вобаста ба ҳифз, барқарорсозӣ, консерватсия, азнавбарқароркунӣ ва истифодаи мақсадноки сарватҳои таърихию фарҳангӣ;
3) бастани шартномаҳо оид ба ҷалби маблағгузорӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи фарҳанг;
4) роҳандозии шаклҳои дигари ҳамкорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

### БОБИ 5. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 39. Танзими давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

1. Танзими давлатӣ дар соҳаи фарҳанг бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба фарҳанг ва назорати таъмини сифати он амалӣ карда мешавад.

2. Танзими давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба пешбурди фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг нигаронида шуда, сифати амалишавии онро назорат ва идора менамояд.

**Моддаи 40. Назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

1. Бо мақсади таъмин намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба риояи иҷрои талаботи стандартҳои давлатӣ, нақша ва барномаҳои соҳавӣ назорати давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг тавассути мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:
1) иҷозатдиҳӣ барои пешбурди шаклҳои муайяни фаъолият дар соҳаи фарҳанг;
2) мониторинг ва баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг;
3) ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг;
4) пешниҳоди натиҷаҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ оид ба субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои андешидани тадбирҳои зарурӣ;
5) баҳодиҳӣ ба риояи муқаррароти нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳудудҳои ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ;
6) маҳдудсозии ҳуқуқи соҳибмулкони (истифодабарандагони) арзишҳои таърихию фарҳангӣ, истифодабарандагони заминҳое, ки дар ҳудуди онҳо объектҳои ғайриманқули фарҳангӣ қарор доранд. Инчунин пешниҳоди тавсияҳо ба онҳо барои бартарафсозии камбудиҳои ошкоршуда;
7) насби таҳтачаҳои дорои маълумоти ҳифзшаванда будани объекти мазкур;
8) аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ;
9) назорати ҷорӣ, фосилавӣ ва нақшавӣ.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг барои самаранок ба роҳ мондани назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг метавонад комиссияҳои назорати ҷамъиятиро ташкил намояд ва тартиби ташкилу ваколатҳои онҳоро тибқи низомнома муқаррар намояд.

**Моддаи 41. Тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг**

Тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг дар муассисаҳои таълимӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, гузаронида мешавад:
1) кормандони соҳаи фарҳанг дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешаванд;
2) кормандони соҳаи фарҳанг, сарфи назар аз мансубияти идоравӣ, ба тарбияи бадеӣ, завқи зебоипарастӣ ва омӯзиш фаро гирифта шуда, дар вақти муайяншуда аз такмили ихтисос мегузаранд;
3) муассисаҳо, иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фарҳанг метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисос иштирок намоянд;
4) муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳанг барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони худ шароити мусоид фароҳам меоранд;
5) аз такмили ихтисос гузаштани кормандони муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи фарҳанг дар асоси шартнома ташкил карда мешавад;
6) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, муассисаҳои соҳаи фарҳанг, иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои дар хориҷи кишвар тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг мусоидат мекунанд.

**Моддаи 42. Аттестатсияи кормандони соҳаи фарҳанг**

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбӣ кормандони соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аттестатсия мегузаранд.

**Моддаи 43. Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг**

Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**Моддаи 44. Бақайдгирӣ ва мураттабсозии феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳангро амалӣ менамояд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба омӯзиши Феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг машғуланд, уҳдадоранд ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дар сурати ошкор гардидани объектҳо ва ашёи нав маълумот пешниҳод намоянд.

**Моддаи 45. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

1. Бо мақсади таъсиси махзани ягонаи давлатии маълумот феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия гардида, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дохил мешаванд:
1) Феҳристи ягонаи давлатии бостоншиносӣ;
2) Феҳристи ягонаи давлатии бойгонӣ;
3) Феҳристи ягонаи давлатии сарватҳои таърихию фарҳангӣ;
4) Феҳристи ягонаи давлатии мероси ғайримоддии фарҳангӣ;
5) Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ;
6) Феҳристи ягонаи давлатии санъати мусиқӣ ва консертӣ;
7) Феҳристи ягонаи давлатии санъати сиркӣ;
8) Феҳристи ягонаи давлатии санъати тасвирӣ, меъморӣ, ороишдиҳӣ ва дизайн;
9) Феҳристи ягонаи давлатии соҳаи кино;
10) Феҳристи ягонаи давлатии фаъолият дар соҳаи театр;
11) Феҳристи ягонаи давлатии фаъолияти ноширӣ ва корхонаҳои полиграфӣ;
12) Феҳристи ягонаи давлатии фонди осорхонавӣ;
13) Феҳристи ягонаи давлатии ҳунарҳои бадеии халқӣ;
14) Феҳристи дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 6. ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРМАНДИ СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 46. Ҳифзи иҷтимоии корманди соҳаи фарҳанг**

1.Шаҳрвандоне, ки дар соҳаи фарҳанг маълумоти махсус доранд, аз рӯи ихтисос ҳуқуқи баробар ба кор қабул шуданро доранд.

2. Музди меҳнати корманди соҳаи фарҳанги ташкилотҳои давлатӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ки фармоиши давлатиро оид ба анҷом додани фаъолияти эҷодӣ ва таълимӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ иҷро менамоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад.

3. Таъмини нафақа ва таъминоти иҷтимоии корманди соҳаи фарҳанг бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 47. Ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи фарҳанг**

1. Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ корманди соҳаи фарҳанг, ки ба рушди фарҳангу санъат саҳм гузоштааст, метавонад:
1) барои гирифтани ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ва санъат пешниҳод карда шавад;
2) барои гирифтани мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод карда шавад;
3) барои гирифтани мукофотҳо ҳамасола барои таҳқиқоту натиҷаҳои беҳтарини эҷодӣ дар соҳаи фарҳанг пешниҳод карда шавад.

2. Барои фаъолияти эҷодӣ, ки кормандони соҳаи фарҳанг берун аз уҳдадориҳои хизматӣ амалӣ менамоянд, онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикстон бо музди муаллифӣ ҳавасманд гардонда мешаванд. Андозаи музди хизмати муаллифӣ, тартиб ва меъёри пардохти он дар шартнома бо муаллиф муайян карда мешавад.

3. Аъзои иттифоқҳои эҷодӣ ва ассотсиатсияҳо, инчунин кормандони дигари эҷодӣ, ки узви иттифоқҳои эҷодӣ нестанд ва манбаи ягонаи даромадашон музди хизмати муаллифӣ ба шумор меравад, дар сурати супоридани суғуртапулӣ ба фонди нафақа, мувофиқи собиқаи кор ҳуқуқи гирифтани нафақаро доранд.

### БОБИ 7. ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИИ ОММАВИИ ФАРҲАНГӢ

**Моддаи 48. Чорабинии оммавии фарҳангӣ**

1. Чорабинии оммавии фарҳангӣ бо мақсади ташаккули афкори ҷамъиятӣ, тарғиби масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, ҷалб намудани таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба рушди соҳаи фарҳанг, инчунин барои ҳимоя ё рушди ҳуқуқҳои фарҳангӣ баргузор карда мешавад.

2. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ иштирок намоянд. Маҷбур намудани шаҳрвандон барои иштирок дар чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ манъ аст.

3. Давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро ба баргузор намудан ва иштирок дар чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ бо роҳҳои зерин кафолат медиҳад:
1) пешниҳод намудани биною иншооти соҳаи фарҳанг, варзишгоҳҳо, майдонҳо ва ҷойҳои дигаре, ки барои баргузор намудани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ мувофиқ мебошанд;
2) паҳн намудани иттилоот дар бораи баргузории чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ;
3) мусоидат намудан дар баргузор намудани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ;
4) мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар баргузории чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд, набояд монеъ шаванд.

4. Маҳдудкунии иштироки шаҳрвандон дар чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

**Моддаи 49. Тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ**

1. Чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ оид ба таҷлили ҷашну тантанаҳо, санаҳои таърихӣ, рӯзҳои фарҳангӣ, фестивалҳо, намоишҳо, озмунҳо ва ҷовидон гардондани хотираи арбобони шинохтаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳал, минтақа, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ гузаронда мешаванд.

2. Ҷойҳое, ки дар онҳо ташкил ва гузарондани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва намоишӣ ба нақша гирифта шудаанд, бояд ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор ҷавобгӯй буда, чораҳои зерин андешида шаванд:
1) нақшаи таъмин намудани бехатарии раванди чорабиниҳои мазкур дар мувофиқа бо мақомоти корҳои дохилӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг тасдиқ карда шавад;
2) бо мақсади ташкил намудан ва гузарондани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ қарор қабул карда шуда, кумитаҳои тадорукот таъсис дода мешаванд ва онҳо фаъолияти ташкилотҳои барои омодасозӣ ва гузарондани чунин чорабиниҳо ҷалбгардидаро ҳамоҳанг созанд;
3) дар сурати риоя нагардидани талаботи қисми 2 моддаи мазкур бо пешниҳоди мақомоти дахлдори давлатӣ гузарондани чорабиниҳои мазкур то бартараф гардидани камбудиҳои ошкоргардида манъ ё боздошт карда шавад.

**Моддаи 50. Уҳдадориҳои ташкилкунандагони чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ**

1. Ташкилкунандагони чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ уҳдадоранд, ки барои таъмини амнияти иштирокчиён, беосеб нигоҳдории ҷойҳои гузарондани чорабиниҳо ва риояи тартиботи ҷамъиятӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар хусуси шумораи эҳтимолии тамошобинон дар муддати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то гузаронидани чорабинӣ ва як рӯз пеш аз баргузории чорабинӣ дар бораи шумораи чиптаҳои фурӯхташуда, даъватномаҳо ва рухсатномаҳои додашуда, аз ҷумла барои воситаҳои нақлиёт, инчунин ҷойи таваққуфи техникаи махсуси мақомоти корҳои дохилӣ, соҳаи тандурустӣ ва воситаҳои нақлиёти маъюбон хабар расонанд.

3. Дар ҷойҳои гузарондани чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ қоидаҳои рафтори тамошобинонро дар шакли огоҳнома насб намоянд.

**Моддаи 51. Сафарҳои ҳунарии гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони алоҳида**

1. Сафарҳои ҳунарии гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони алоҳида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

2. Барномаи гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони алоҳида бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг мувофиқа карда мешавад.

### БОБИ 8. САРВАТҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 52. Сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ, омехта, муштарак ва хусусӣ ҳисоб меёбанд, дар асоси Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

2. Ба сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:
1) сарватҳои таърихию фарҳангӣ;
2) мероси таърихию фарҳангии миллӣ;
3) мероси фарҳанги ғайримоддӣ.

**Моддаи 53. Сарватҳои таърихию фарҳангӣ**

1. Ба сарватҳои таърихию фарҳангӣ объектҳои манқул ва ғайриманқули зерин дохил мешаванд:
1) бозёфтҳои бостоншиносӣ ва археологӣ;
2) ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ;
3) коллексияҳои нодиру ашёҳои қадимӣ ва намунаҳои олами набототу ҳайвонот, маъданшиносӣ, анатомия ва ашёи барои соҳаи палеонталогия муҳим;
4) сарватҳое, ки ба таърих рабт доранд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои таърихӣ, таърихи илму техника, таърихи ҷамъият, таърихи ҷангҳо ва фарҳанги миллӣ, инчунин вобаста ба рӯйдодҳои муҳимми миллӣ;
5) асарҳои санъати дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ, аз қабили мусаввараҳо, нусхаҳои нодир, осори наққошӣ, расмҳо, асарҳои ороишӣ, (дизайнерӣ), ки ба ҳаёти арбобони намоёни давлативу ҷамъиятӣ, илм, фарҳанг, адабиёт ва санъат, мутафаккирону олимон, шоиру нависандагон ва ҳунармандон, инчунин муҷассамаҳо, номҳои аҳаммияти таърихидошта, катибаҳо, оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруф, боғҳои фарҳангӣ ва манзараҳои табиии дорои аҳаммияти фарҳангӣ вобастаанд;
6) дастхатҳои нодир, китобҳои дастнавис ва қадима, дастхатҳои муаллифон, ҳуҷҷату нашрияҳои аҳаммияти махсусдошта (таърихӣ, бадеӣ, илмӣ, адабӣ) алоҳида ё дар коллексияҳо;
7) бойгонӣ, фонди бойгонӣ ва коллексияҳо, аз ҷумла бойгонии наворҳо, суратҳо, сабти видеоӣ, кино, инчунин ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ;
8) маводи этнографӣ, антропологӣ, этнологӣ ва палеонтологӣ;
9) асбобҳои мусиқии қадима ва нодир;
10) ашёи қадима, ки арзиши махсуси таърихию фарҳангӣ дорад;
11) объектҳои вобаста ба рӯйдодҳои таърихӣ аз ҳаёти халқи Тоҷикистон, рушди ҷомеа ва давлат, таърихи илму техника, ашё ва коллексияҳои осорхонаҳо;
12) сарватҳои бадеӣ дар шакли тасвиру суратҳо ва расмҳои дастӣ кашидашуда дар замина ва маводҳои гуногун (ба ғайр аз нақшҳо ва маҳсулоти саноатӣ);
13) маркаҳои (тамғаҳои) почта, маркаҳои андоз ва ба онҳо монанд, ки алоҳида ва ё дар коллексияҳо зиёда аз 50 сол ва аз он пештар нашр шудаанд;
14) тангаҳо, ба истиснои тангаҳои асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба таркиби гудохтаи он ё фулузоте, ки аз он тайёр шудаанд, инчунин тангаҳои давлатҳои дигар, ки на камтар аз сад сол пештар тайёр карда шудаанд, инчунин медалҳо, муҳр ва маводи дигари коллексионӣ;
15) асарҳои нусхаи аслии санъати ҳайкалтарошӣ аз ҳар гуна мавод;
16) нусхаҳои аслии кандакоришуда, расмҳои рӯисангӣ;
17) қисмҳои таркибии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ;
18) дигар сарватҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 54. Мероси таърихию фарҳангии миллӣ**

1. Ба мероси таърихию фарҳангии миллӣ мансубанд:
1) маҷмуи арзишҳои фарҳанги миллӣ;
2) мероси таърихию фарҳангии дорои аҳаммияти миллӣ;
3) мероси бадеию илмии дорои хусусияти таърихию фарҳангӣ;
4) мероси таърихию фарҳангии дорои аҳаммияти илмию маърифатӣ;
5) мероси таърихию фарҳангии миллии дорои хусусияти маънавию ахлоқӣ;
6) объектҳои алоҳида;
7) объектҳои маҷмаавӣ;
8) ёдгориҳои таърихӣ;
9) ёдгориҳои бостоншиносӣ;
10) ёдгориҳои шаҳрсозӣ ва меъморӣ;
11) манзараҳо;
12) дигар мероси таърихию фарҳангии миллӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Мероси таърихию фарҳангии миллӣ объектҳо ё ашёҳои таърихию фарҳангии моддӣ ва маънавӣ, ки аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва фарҳангии умумибашарӣ, умумидавлатӣ ё маҳаллӣ доранд.

3. Мероси таърихию фарҳангии миллӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз гардида, ёдгориҳои таърихию фарҳангии Тоҷикистон, ки таҳти хатари нобудшавӣ қарор доранд, ба Феҳристи давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ворид карда мешаванд.

**Моддаи 55. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ**

Ба мероси фарҳанги ғайримоддӣ дохил мешаванд:
1) анъанаи шифоҳӣ (асарҳои фолклорӣ, забону лаҳҷаҳо, тарзҳои баён);
2) санъати иҷро (ромишгарӣ, сурудхонӣ, рақс, санъати театрӣ, шаклҳои гуногуни намоишӣ);
3) ҷашну маросимҳо (маросиму ойинҳои хонаводагӣ, маишӣ, мавсимӣ);
4) урфу одатҳо, донишу таҷрибаҳои иҷтимоӣ вобаста ба ҷамъият, табиат ва кайҳон;
5) касбу ҳунарҳо (донишу малака, маҳорат, санъати ороишӣ ва ҷанбаҳои эстетикии онҳо);
6) фарҳанги ахлоқӣ, меъёрҳои анъанавии хонаводагӣ;
7) фарҳанги либоспӯшӣ;
8) фарҳанги хӯрокҳои миллӣ (маҳорату таҷриба ва донишҳои марбут ба фарҳанги хӯрокпазӣ, одобу маросими дастархондорӣ);
9) мусобиқаҳои варзишии суннатӣ ва бозиҳои бачагонаи серҳаракат ва зеҳнӣ;
10) дигар мероси фарҳанги ғайримоддие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

**Моддаи 56. Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муассисаҳои театрию консертӣ, телевизион ва радиошунавонӣ, кино, китобхонаҳо, бойгониҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, клубҳо, қасру хонаҳои фарҳанг, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, тамошогоҳҳо, боғҳои фарҳангу истироҳат, ҷойҳои муқаддаси таърихию табиӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони соҳаи фарҳанг, муассисаҳои сайёҳӣ, муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг, рӯзномаю маҷаллаҳо, нашриётҳо амалӣ мегардонанд.

2. Корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки дорои ваколати паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллӣ мебошанд, ҳуқуқи таҳия ва қабули барномаҳои эҷодӣ, репертуар, интихоби жанр, намуд, услуб ва равияҳои мухталифи эҷодӣ, инчунин интихоби роҳу тарзҳои паҳн ва оммавигардонии мероси фарҳангӣ ва комёбиҳои фарҳангу санъатро доранд.

3. Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллӣ, илмӣ ва адабии классикони тоҷик, намудҳои пурарзиши мероси фарҳанги классикӣ ва дастовардҳои фарҳанги муосири ҷаҳонӣ тавассути маблағгузорӣ ва фондҳои мақсаднок дастгирӣ карда мешаванд.

4. Паҳн ва дастраси омма намудани асарҳое, ки ба зӯран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ, ҷанг, зӯроварӣ, бераҳмӣ, поймолкунии ҳуқуқҳои нажодиву миллӣ, динӣ, адовати мазҳабӣ даъват мекунанд, таҳқири шахсиятро раво медонанд, шаъну эътибори миллиро паст мезананд, инчунин фаҳшу бадахлоқиро тарғиб менамоянд, манъ аст.

**Моддаи 57. Муносибатҳои молумулкии вобаста ба сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ворид шудаанд, бе мувофиқа иваз, нобуд, тағйири ҷой, тармим ва нусхабардорӣ намудан манъ аст. Инчунин молу мулки дорои арзиши махсуси таърихӣ, бадеӣ ва зебоипарастиро аз ҳам ҷудо ва пароканда кардан манъ аст.

(Давомаш дар саҳ. 6)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ФАРҲАНГ

(Идома аз саҳ. 5)

2. Сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дохил шудаанд, берун аз таъиноти таърихию бадеӣ ва динӣ истифода бурдан манъ аст.

3. Молу мулки мансуби иттиҳодияҳои динӣ, ки ҳамчун сарватҳои фарҳанги миллӣ ё мероси фарҳанги миллӣ шинохта шудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъиноташон истифода бурда мешаванд.

4. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар истифода намудани ёдгориҳои меъморӣ ҳуқуқи афзалиятнок доранд ва ба нигоҳдорию ҳифзи сарватҳои таърихию фарҳангӣ масъуланд.

### БОБИ 9. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРӢ ДАР НИЗОМИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 58. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ**

1. Манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти эҷодӣ, ҳунарӣ, таълимию истеҳсолӣ, илмӣ ва хоҷагидорӣ, инчунин инкишофи иҷтимоию иқтисодиро дар соҳаи фарҳанг маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағи худи муассис (муассисон) ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

2. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг метавонанд дар доираи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои иловагӣ, аз ҷумла молиявиро бо роҳи хизматрасонии иловагии пардохтшаванда ва амалигардонии фаъолияти дигар, ки оинномаи муассиса пешбинӣ намудааст, инчунин аз ҳисоби эҳсонкорӣ ва пардохтҳои мақсадноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ ҷалб намоянд.

**Моддаи 59. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Ба манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг дохил мешаванд:

1) даромад аз фурӯши молу маҳсулот ва маснуоти ҳунармандӣ;

2) даромад аз иҷрои кор ва хизматрасониҳое, ки хусусияти фарҳангӣ доранд;

3) тайёркунӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии мутахассисон дар муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг дар асоси шартнома;

4) фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ дар раванди офаридани фарҳанг ва дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст;

5) пардохтҳои ихтиёрии эҳсонкорӣ ва дигар маблағҳое, ки аз ҳисоби ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ ворид мешаванд;

6) грантҳо;

7) қарзҳои ташкилотҳои бонкӣ;

8) дигар манбаъҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар доираи мақсад ва вазифаҳое, ки дар оинномаи онҳо пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла фармоишҳои давлатӣ муайян карда мешавад. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг уҳдадоранд, ки фармоиши давлатӣ ва фармоишҳоро оид ба фурӯши маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар ҳаҷми на бештар аз фармоишҳои дахлдор иҷро намоянд. Муассисаҳои таълимии давлатӣ ҳуқуқ доранд барои қонеъ гардондани талаботи худ маҳсулот, кор ва хизматрасониро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд.

**Моддаи 60. Ҳуқуқҳои молумулкии муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Молу мулки муассисаҳои соҳаи фарҳангро воситаҳои асосӣ ва гардон, инчунин молу мулки дигаре, ки муассис (муассисон) бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ вобаста намудаанд, ташкил медиҳанд. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг молу мулки мазкурро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд.

2. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг молу мулки бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ вобасташударо тибқи таъиноти вазифавии онҳо истифода мебаранд ва ҳуқуқ надоранд, ки онҳоро ҳамчун воситаи кафолати иҷрои уҳдадориҳои худ ё уҳдадориҳои шахсони сеюм, аз ҷумла ба сифати гарав, истифода баранд ва ҳамчунин ҳуқуқ надоранд, ки молу мулки аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ ба даст овардашударо бегона кунанд, ҳамчун қарз диҳанд ё ба таври дигар ихтиёрдорӣ намоянд.

**Моддаи 61. Фаъолияти пулакии муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг ҳуқуқ доранд, ки дар асоси фаъолияти эҷодӣ ва ҳунарии мувофиқ ба самти фаъолияташон хизматрасонии пулакиро ба роҳ монанд.

2. Хизматрасонии эҷодию ҳунарии пулакӣ қисме аз фаъолияти муассисаи фарҳангӣ мебошад, ки бо фармоиш ва аз ҳисоби фармоишгар дар асоси шартномаи хизматрасонии пулакӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

**Моддаи 62. Таъминоти моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг**

1. Ба муассисаҳои хизматрасонии кӯдакон ва наврасон барои таъминоти моддию техникӣ дар соҳаи фарҳанг афзалият дода мешавад.

2. Истифодаи заминаи моддию техникӣ ва молу мулки муассисаҳои соҳаи фарҳанг берун аз таъиноти онҳо манъ аст.

3. Хусусияти ташкили таъминоти моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва шахсони ҳуқуқии ба хизматрасонии фарҳангии алоҳида машғулбуда бояд талаботи соҳавиро дар бар гирад, ки ба инобат нагирифтани он метавонад асос барои қатъ кардани иҷозати пешбурди фаъолияташон гардад.

4. Маҳдуд намудани таъминоти моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанги ба хизматрасонии фарҳангӣ машғулбуда бо асосҳои ба талаботи стандартҳои амалкунанда мувофиқ сохтанашон манъ аст.

5. Хулосаҳо оид ба сатҳи таъминоти моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанги ба хизматрасонии фарҳангӣ машғулбуда аз ҷониби мақомоти назоратӣ дода мешаванд ва онҳо асос барои қатъ намудан ё додани иҷозати пешбурди фаъолияташон мегарданд.

6. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг мутобиқи барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳифз ва рушди соҳаи фарҳанг, сохтмон ва тармими объектҳои арзишноки соҳаи фарҳанг, дастгирии давлатии фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва таҳкими заминаи моддию техникии онҳо мутобиқ ба шартҳои таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ чораҳо меандешад.

7. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ уҳдадоранд ба муассисаҳои соҳаи фарҳанги тобеи худ дар ҳалли масъалаҳои таъмин ва таҳкими заминаи моддию техникии онҳо ёрии амалӣ расонанд.

### БОБИ 10. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

**Моддаи 63. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг**

1. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ мегардад.

2. Самтҳои афзалиятноки ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг инҳоянд:

1) машғул шудан ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

2) тармими ёдгориҳои нодири таърихиву фарҳангӣ;

3) тайёр кардан, бозомӯзӣ ва аз такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи фарҳанг;

4) офаридан ва дар амал татбиқ намудани воситаҳои техникӣ, технологияи нав ва таҷҳизот барои пешбурди фаъолият дар соҳаи фарҳанг;

5) мубодилаи маводҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва усули кор.

3. Мақомоти дахлдори давлатӣ, дигар муассисаю ташкилотҳо дар соҳаи фарҳанг ҳуқуқ доранд дар мувофиқа бо муассис (муассисон) ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг бо муассисаю ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ робита барқарор намоянд.

**Моддаи 64. Ҳамкории фарҳангӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамватанон, тоҷикони бурунмарзӣ ва намояндагиҳои онҳо ҳамкорӣ намуда, чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ мегузаронад, барои бунёди марказҳо, муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ, хазинаҳои махсус ва рушди фарҳанги миллӣ дар хориҷи кишвар мусоидат мекунад.

2. Давлат барои бозгаштани ходимони ба хориҷи кишвар рафтаи соҳаи фарҳанг ва ҳунар шароит фароҳам меорад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти фарҳангии ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо тадбирҳо меандешад.

**Моддаи 65. Сарватҳои таърихию фарҳангии бурунмарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргардондани сарватҳои таърихию фарҳангӣ, ки ғайриқонунӣ ба хориҷи кишвар бурда шудаанд, чораҳо меандешад.

2. Давлат барои ҳифзи сарватҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигоҳдории оромгоҳҳои ҳамватанон, ки дар хориҷи кишвар мавҷуданд, тадбирҳои зарурӣ меандешад.

**Моддаи 66. Марказҳои фарҳангӣ дар хориҷи кишвар**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар марказҳои фарҳангӣ таъсис дода, фаъолияти онҳоро дар ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ба роҳ мемонад ва ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои истифода бурдани моликияташон дар соҳаи фарҳанг мусоидат менамояд.

**Моддаи 67. Ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг**

1. Таъсиси шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар соҳаи фарҳанг ва филиалу намояндагиҳои онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ба ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг, иттифоқҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил шаванд.

3. Муассисаҳои соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар ҳайати худ аъзои (шаҳрвандони) хориҷиро ҷалб намоянд.

### БОБИ 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 68. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 69. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №519 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1997, №23-24, мод. 352; с. 2001, №4, мод. 143; с. 2003, №12, мод. 691; с. 2008, №10, мод. 819; с. 2009, №7-8, мод. 499; с. 2011, №6, мод. 445) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 70. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2033**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 455**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, № 520 «Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23-24, мод. 352; соли 2001, № 4, мод. 143; соли 2003, №12, мод. 691; соли 2008, №10, мод. 819; соли 2009, № 7-8, мод. 499; соли 2011, № 6, мод. 445) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. МАНСУРӢ**
**ш. Душанбе, 6 декабри соли 2023, № 1169**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 270; с. 2021, №1-2, мод. 12) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- аз сархати ҳафтум калимаҳои «тавассути ширкатҳои фарматсевтӣ ва ё намояндагии онҳо» хориҷ ва калимаҳои «мутахассисони соҳаи тандурустӣ» ба калимаи «онҳо» иваз карда шаванд;

- сархати наваду ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**- фаъолияти тиббӣ** - фаъолияти касбӣ оид ба расондани кумаки тиббӣ, гузарондани экспертизаи тиббӣ, муоинаи тиббӣ, шаҳодаткунонии тиббӣ, чорабиниҳои санитарӣ-зиддиэпидемикӣ ва фаъолияти касбии ба пайвандсозии узв ва (ё) бофтаҳо, гардиши хуни донорӣ ва (ё) ҷузъҳои он алоқаманд бо мақсадҳои тиббӣ;».

2. Дар сархати сеюми моддаи 6 калимаи «лоиҳаҳои» ба калимаи «лоиҳаи» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 40:

- дар номи модда калимаҳои «гирифтани товони» ба калимаи «ҷуброни» иваз карда шаванд;

- дар матни модда калимаҳои «гирифтани товони зарар» ба калимаҳои «ҷуброни зараре, ки ба саломатии онҳо расонда шудааст» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 48:

- дар сархати чоруми қисми 1 калимаи «пардохти» ба калимаи «ҷуброни» иваз карда шавад;

- дар қисми 2:

- дар сархати ҳаштум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- барои дастрас намудани дору аз дорухонаи мушаххас тавсия диҳанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2032**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 454**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 ноябри соли 2023, №1154**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218; с. 2018, №1, мод. 21; с. 2020, №12, мод. 914) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 1 моддаи 11 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Нисбат ба кӯдак истифода ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ манъ аст.».

2. Моддаи $11^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $11^1$. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя**

1. Ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ҳимоя дорад.

2. Падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, мақомоти васояту парасторӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоту ташкилотҳои дигар уҳдадоранд барои ҳимояи кӯдак чораҷӯйӣ намоянд.

3. Ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, аз ҷумла иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба нигоҳубин, тарбия ва таълими кӯдак аз ҷониби падару модар (яке аз онҳо) ё шахсони онҳоро ивазкунанда ва ё ҳангоми суиистифодаи падару модар аз ҳуқуқҳояшон, кӯдаке, ки ақидаҳои худро мустақилона ифода карда метавонад, ҳуқуқ дорад барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоти васоят ва парасторӣ, инчунин дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ бевосита муроҷиат намояд.».

3. Ба қисми 1 моддаи 14 ҷумлаҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Ҳуқуқи кӯдак ба изҳори ақида вобаста ба синну сол маҳдуд карда намешавад. Ба кӯдак дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд имконият дода шавад, ки фикри худро дар шакле, ки ӯ мехоҳад, баён кунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2034**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 456**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1091**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲАДДИ АҚАЛИ ЗИНДАГӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 19 майи соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 328) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном ва матни Қонун калимаи «ақали» ба калимаи «ақалли» иваз карда шавад.

2. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии муайян намудани ҳадди ақалли зиндагӣ, тартиби баҳисобгирӣ, таъмини кумакҳои давлатии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон, инчунин татбиқи дигар тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.».

3. Дар моддаи 1:

- дар сархати якум калимаи «ҳаёт» ба калимаи «зиндагӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати ҳафтум калимаи «камбизоатон» ба калимаҳои «шаҳрвандон (оилаҳо) - и камбизоат» иваз карда шавад.

4. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

5. Дар моддаи 3:

- дар сархати якум калимаҳои «баҳо додани» ба калимаи «арзёбии» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюм калимаи «камбизоатон» ба калимаҳои «шаҳрвандон (оилаҳо) - и камбизоат» иваз карда шавад;

- сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ташаккули буҷети давлатӣ;».

6. Сархати якуми қисми 1 моддаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- сарикасӣ;»;

- аз қисми 2 калимаи «истифодаи» хориҷ карда шавад.

7. Дар моддаи 5:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 5. Таркиби сабади истеъмолӣ**»;

- дар қисми 2 калимаҳои «маводи ғизоӣ» ба калимаҳои «маҳсулоти озуқа» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «маҳсулоти ғайриғизоӣ» ва «чорабиниҳои маданию маишӣ» мувофиқан ба калимаҳои «маҳсулоти ғайриозуқа» ва «шароитҳои маишӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаи «вуҷуддошта» ба калимаи «мавҷудбуда» иваз карда шавад.

8. Дар номи моддаи 6 калимаҳои «таҷдиди назар» ба калимаи «бозҳисобӣ» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 7:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 7. Даврият ва қоидаҳои ҳисоби андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ»;**

- дар қисми 1 калимаҳои «зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ» ба калимаҳои «зиндагии сарикасӣ» иваз карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ, қоидаҳои ҳисоб ва даврияти бозҳисобии он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.».

10. Дар матни моддаи 9 калимаҳои «зиндагӣ барои ҳар як нафар» ба калимаҳои «зиндагии сарикасӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2038**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 460**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, №1041**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Моддаи 1.** Дар қисми 11 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.532; с.2014, №3, мод.156, №7, қ.2, мод.422; с.2016, №3, мод.148, №7, мод.624; с.2017, №7-9, мод.581; с.2018, №5, мод. 278; с.2020, №12, мод. 912; с.2021, №12, қ. 2, мод. 706; с. 2022, №7, мод. 447) калимаҳои «низомномае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст,» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2035**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 457**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1043**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278; с. 2020, №12, мод. 912; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 706; с. 2022, №7, мод. 447) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархати чилу дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- **таҳсилоти дуалӣ -** низоми таълим дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ, ки дар он қисми назариявӣ дар муассисаи таълимӣ, қисми амалӣ дар истеҳсолот ва ё ҷойи кор амалӣ карда мешавад;».

2. Дар моддаи 19:

- ба қисми 8 баъд аз калимаи «тиббӣ» калимаҳои «ва ихтисосҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» илова карда шаванд;
- ба қисми 9 баъд аз калимаи «фосилавӣ» аломат ва калимаи «, дуалӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2036**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 458**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1101**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 338; с. 2014, №7 қ. 2, мод. 423; с. 2016, №7, мод. 628; с. 2017, №7-9, мод. 584; с. 2018, №5, мод. 280; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 709) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 2 сархати сию сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**- таҳсилоти дуалӣ** – низоми таълим дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ, ки дар он қисми назариявӣ дар муассисаи таълимӣ, қисми амалӣ дар истеҳсолот ва ё ҷойи кор амалӣ карда мешавад;».

2. Дар моддаи 9:

- ба қисми 4 баъд аз калимаи «тиббӣ» калимаҳои «ва ихтисосҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» илова карда шаванд;
- ба қисми 10 баъд аз калимаи «фосилавӣ,» калима ва аломати «дуалӣ,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2037**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 459**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1103**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СОБИҚАДОРОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» аз 7 апрели соли 1995 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №7-8, мод. 67; с. 1996, №3, мод. 48; с. 1998, №22, мод. 295; с. 2004, №2, мод. 41; с. 2007, №7, мод. 657; с. 2010, №1, мод. 18; с. 2020, №12, мод. 915; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 717, с. 2022, №12, қ. 2, мод. 779) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба ном ва матни моддаи 9, матни моддаи 11 пас аз калимаҳои «мақомоти давлатӣ,» ва «Мақомоти давлатӣ,» калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,» илова карда шаванд.
2. Дар сархати дуюми қисми дуюми моддаи 13 ва дар тамоми матни Қонун калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.
3. Ба қисми якуми моддаи 19 пас аз калимаҳои «қӯшунҳои дохилӣ» калимаҳои «, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.
4. Ба қисми якуми моддаи 20 пас аз калимаҳои «мақомоти гумрук,» калимаҳои «мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия,» илова карда шаванд.
5. Дар қисми якуми моддаи 23 рақами «12-уми» ба рақами «13-уми» иваз карда шавад.
6. Дар банди 11) моддаи 24 ва банди б) зербанди 4) қисми якуми моддаи 25 калимаҳои «муассисаҳои давлатии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ» ва «муассисаҳои таълими давлатии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ» иваз карда шаванд.
7. Ба қисми муқаддимавии моддаи 38 ва қисми сеюми моддаи 43 пеш аз калимаи «судяҳо» калимаҳои «мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2039**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 461**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1145**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НАЗОРАТИ СОДИРОТ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» аз 31 декабри соли 2014 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №12, мод. 822; с. 2017, №1-2, мод. 15) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархатҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **фаъолияти иқтисодии хориҷӣ** - савдои хориҷӣ, аз ҷумла содирот, реэкспорт, воридот, реимпорт, транзит, сармоягузорӣ ва фаъолият тавассути кооператсияи истеҳсолӣ дар самти мубодилаи байналмилалии молҳо, технологияҳо, таъминоти барномавӣ, маълумотдиҳӣ, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (ҳуқуқ ба онҳо);

- **айнияткунонии молҳо, технологияҳо ва таъминоти барномавии назоратшаванда** - муайян намудани мансубияти молҳо, технологияҳо ва таъминоти барномавӣ ба молҳои назоратшаванда;».

2. Ба моддаи 6 сархати ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- комиссия оид ба назорати содиротро таъсис дода, низомнома ва ҳайати онро тасдиқ мекунад;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2040**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 463**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1039**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 июни соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 432; с. 2012, №7, мод. 701; с. 2018, №7-8, мод. 533; с. 2023, №1-3, мод. 14) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии татбиқи раванди барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, аз ҷумла раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро муқаррар менамояд.».

2. Дар матни Қонун калимаҳои «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадории», «ӯҳдадоранд», «ӯҳдадор», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадорӣ», «ӯҳдадориҳое», «Ӯҳдадориҳои», «граждании», «мӯҳлат», «мӯҳлати», «Мӯҳлати», «мӯҳлатро», «мӯҳлатрасидаи» ва «мӯҳру» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳои», «уҳдадории», «уҳдадоранд», «уҳдадор», «уҳдадориҳо», «уҳдадорӣ», «уҳдадориҳое», «Уҳдадориҳои», «мадании», «муҳлат», «муҳлати», «Муҳлати», «муҳлатро», «муҳлатрасидаи» ва «муҳру» иваз карда шаванд.
3. Ба сархати шашуми моддаи 3 пас аз калимаҳои «ташкилоти қарзӣ,» калимаҳои «инчунин, баҳодиҳанда,» илова карда шаванд.
4. Дар қисми 7 моддаи 6 калимаҳои «дигар асосҳо» ба калимаҳои «дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.
5. Аз сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 13 аломат ва калимаҳои «(қарорҳо, таъинот ва ғайраҳо)» хориҷ карда шаванд.
6. Дар сархати дуюми қисми 6 моддаи 17 калимаҳои «нархгузории» ва «нархгузорон» мувофиқан ба калимаҳои «баҳодиҳии» ва «баҳодиҳанда» иваз карда шаванд.
7. Дар қисми 2 моддаи 58 калимаҳои «аз рӯи виҷдон» ба калимаи «бовиҷдонона» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2041**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 464**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1143**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 17 майи соли 2018 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2018, №5, мод.284) тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар қисми 2 калимаҳои «фондҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ» ва «мешаванд» мувофиқан ба калимаҳои «фонди роҳ» ва «мешавад» иваз карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаи «фондҳои» ба калимаи «фонди» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 январи соли 2024, № 2042**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 465**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1089**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419667 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 26.01.2024 17:16:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

## Республика Таджикистан

## Проект по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане

**Название задания:** Международный консультант по ИКТ по разработке долгосрочной технологической стратегии и технических спецификаций Информационной системы управления ирригацией (ИСУИ) для АМИ.

**Номер ссылки (согласно Плану закупок):** SWIM-CS-INT-014

Республика Таджикистан подала заявку на финансирование от Международной ассоциации развития и Европейского Союза для покрытия расходов Международного консультанта по ИКТ по разработке долгосрочной технологической стратегии и технических спецификаций Информационной системы управления ирригацией (ИСУИ) для АМИ.

Более подробную информацию о техническом задании для задания можно найти по следующей ссылке: **https://docs.google.com/document/d/1Ut3wjq7po5JNjBPlzLuwUtXg27ciyDa3/edit?usp=sharing&ouid=109767526260894161767&rtpof=true&sd=true.**

Проект по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане приглашает индивидуальных консультантов, имеющих право на участие в проекте, выразить свою заинтересованность в предоставлении услуг. Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, подтверждающую, что они имеют квалификацию для выполнения услуг (резюме, копии документов, подтверждающих соответствующую квалификацию и навыки, опыт и компетентность, связанные с заданием, описание выполненных аналогичных задач, рекомендации и т. д.).

Внимание заинтересованных консультантов обращается на Раздел III. на пункты 3.14, 3.16 и 3.17 «Положения о закупках для заемщиков ФИП» Всемирного банка, июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года, августе 2018 года и ноябре 2020 года («Положение о закупках»), в котором изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов. Консультант будет выбран в соответствии с методом отбора индивидуальных консультантов (IC), изложенным в руководстве по отбору консультантов.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 30 январи соли 2024 музоядаҳои №6, №7 ва №8-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ №6**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ – 2107 | 367 ZC 01 | 2004 | Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертӣ» | 4000 |
| 2 | ВОЛВО – 850 | 635 XM 01 | 1995 | Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертӣ» | 4000 |

**МУЗОЯДАИ №7**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Toyota Corolla | 807 2B 01 | 2007 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 44 800 |
| 2 | ВАЗ – 212114 «Нива» | 33-77 B 01 | 2006 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25 600 |
| 3 | Нива Шевролет | 543 XA 01 | 2005 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 22 400 |
| 4 | Хонда Акорт | 814 ZB 01 | 2005 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 41 600 |
| 5 | ВАЗ – 2107 | 817 ZB 01 | 2004 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7 680 |
| 6 | ВАЗ – 2107 | 813 ZB 01 | 2008 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7 680 |
| 7 | УАЗ – 31519 | 819 ZB 01 | 2005 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35 200 |
| 8 | ВАЗ – 21213 «Нива» | 816 ZB 01 | 2003 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 19 200 |
| 9 | ВАЗ – 2107 | 566 ZC 01 | 2005 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7 680 |
| 10 | ГАЗЕЛ 322132-224 | 565 ZC 01 | 2002 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9 600 |
| 11 | ВАЗ – 21214 Нива | 563 ZC 01 | 2006 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25 600 |
| 12 | ВАЗ – 21214 Нива | 562 ZC 01 | 2006 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25 600 |
| 13 | Шевролет Оптра | 027 XP 01 | 2008 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25 600 |
| 14 | Шевролет Нива | 564 ZC 01 | 2005 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 22 400 |
| 15 | Шевролет Оптра | 722 XK 01 | 2008 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25 600 |

**МУЗОЯДАИ №8**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | BAW | 640 XC 01 | 2012 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 44 800 |
| 2 | Лебао | 769 XA 01 | 2011 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 32 000 |
| 3 | ВАЗ – 2106 | 50-22 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 1 500 |
| 4 | ВАЗ – 2107 | 50-23 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 2 000 |
| 5 | ВАЗ – 2106 | 33-37 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 1 500 |
| 6 | ВАЗ – 2106 | 10-20 B 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 1 500 |
| 7 | ВАЗ – 2107 | 10-11 B 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3 600 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда: **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе диниста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 30 январи соли 2024 музоядаҳои №3, №4, №5, №6 ва №7-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 3**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «OPPO» | адад | 1 | 400 |
| 2 | Тамокуи тамғаи «Милано» (60 қуттӣ) | адад | 30000 | 195000 |
| 3 | Маҳсулоти шустушӯии навъи «Ари» (360 г) | адад | 47 | 470 |
| 4 | Маҳсулоти шустушӯии навъи «Ари» (360 г) | адад | 47 | 470 |
| 5 | Белизнаи навъи «Универсал» (1 кг) | адад | 17 | 595 |
| 6 | Маҳсулоти шустушӯии навъи «Выгодная уборка» (750 г) | адад | 29 | 580 |
| 7 | Маҳсулоти шустушӯии навъи «Ари» дар халтаҳои полиэтиленӣ (2,5 кг) | адад | 4 | 160 |
| 8 | Маҳсулоти шустушӯии навъи «Ариа» (360 г) | адад | 10 | 100 |
| 9 | Сатили оҳанин | адад | 940 | 18800 |
| 10 | Зарфи гуногуни пластикӣ | кг | 400 | 20000 |
| 11 | Курсии нишаст | адад | 20 | 6000 |

**МУЗОЯДАИ № 4**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тамокуи тамғаи «ESSE CHANGE» | қуттича | 12240 | 244800 |
| 2 | Тамокуи тамғаи «PINE» | қуттича | 480 | 4800 |
| 3 | Мухобира (ратсия)-и тамғаи «AJ446» | адад | 2 | 3000 |
| 4 | Таҷҳизоти техникии тепловизори тамғаи «APEXEL» бо як адад флешкорт дар дохилаш | адад | 1 | 4500 |
| 5 | Таҷҳизоти техникии тепловизори тамғаи «Bestguarder NV-900» | адад | 1 | 4500 |

**МУЗОЯДАИ № 5**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мол – гранит | кг | 49836 | коршоям | 199344 |
| 2 | Маҳсулоти ҷомашӯии тамғаи «Миф», «Тайд» ва «Персил» | кг | 3352 | коршоям | 40224 |
| 3 | Қоғази ташноби тамғаи «Елта» | адад | 2136 | коршоям | 6408 |

**МУЗОЯДАИ № 6**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «Самсунг гелакси А04» | адад | 6 | 4800 |
| 2 | Телефони мобилии тамғаи «Редми 9А» | адад | 3 | 1500 |
| 3 | Телефони мобилии тамғаи «Редми 10А» | адад | 3 | 2100 |

**МУЗОЯДАИ № 7**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «PRESTQIA» | адад | 1 | таъмирталаб | 84 |
| 2 | Телефони мобилии тамғаи «NOKIA» | адад | 1 | истифодашуда | 42 |
| 3 | Ноутбуки тамғаи «LENOVO» | адад | 1 | истифодашуда | 844 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда: **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе диниста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатномаи соҳибкор (РЯМ 0130204883), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Эмомализода Дилафруз Сайфуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории 012/61051-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ моҳи январи соли 1990 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Гогол 17 ба Каримова Мунаварой додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи бақайдгирии №6-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Роғун 6- уми январи соли 2010 бо суроғаи шаҳри Роғун, кӯчаи Сохтмончиён, бинои 36, хонаи 77 ба Ҳамидов Зияндар (РМА 065015988) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда оид ба қайдгирии давлатии дараҷаи А №0037154, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ, хонаи 100 ба Урунов Раҳим Ҷалилович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Аэропорт, бинои 18, хонаи 15 Саидова Ҳалима (санаи таваллуд- 29 январи соли 1949) додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2023 ба Тургинов Муҳаммадамин Ойбекович (РМА 038114763) додааст, эътибор надорад.

✓Ҳалномаи гумшудаи Суди ноҳияи Исмоили Сомонӣ, ки 5-уми ноябри соли 2016 оиди сохтмони манзили истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ, хонаи 100 бунёдгардида ба Урунов Раҳим Ҷалилович (РМА 025012585) дода шудааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома бо шартҳои махсус таҳти рақами 0572822 ва РЯМ 3130012454-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон соли 2022 ба Раҳимов Зиядали Этимович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ, бинои 53, хонаи 35 ба Зиёвудинов Ҷасур (РМА 025713303) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ, бинои 53, хонаи 35 ба Зиёвудинов Ҷасур додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шодмонӣ, бинои 53, хонаи 35 ба Зиёвудинов Ҷасур додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаҳои техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онҳоро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ, бинои 23, хонаҳои 5,6,7,8 ба Шарипова Бибисоро (РМА 025270005) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём, хонаи 26 ба Марданов Раҳматҷон Аҳмадович (РМА 025314013) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов, бинои 22, хонаи 8 ба Зарипова Муқадам Рашидовна (РМА 025126686) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол- 2, ҳавлии 334 ба Маҳмадшоев Маҳмадулло (РМА 125730020) додааст, эътибор надорад.

✓Ваколатномаи гумшудаи силсилаи ДШ №148252, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27-уми марти соли 2023 таҳти феҳристи №6-669 ба Каримов Ҷалолидин Хаймуродович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДТК №0051502-и гумшуда, ки онро филиали дар шаҳри Норакбудаи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат таҳти қайди 358 соли 2012 ба Зарифова Мадина Тохировна (РМА 415175492) додааст, эътибор надорад.

✓Дастгоҳи назорати хазинавии хотирааш фискалии тамғаи «Миника»-и соҳибкори инфиродӣ Цой Валентин Васильевич (РМА 035106971) эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак -2, М. 14, бинои 7, хонаи 3 ба Рустамов Саидакбар (РМА 045793772) додааст, эътибор надорад.

✓Қарори гумшудаи Комитети иҷроияи Совети депутатҳои халқии ноҳияи Фрунзе 12- уми марти соли 1993, ки бо суроғаи дар шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак -2, М. 14, бинои 7, хонаи 3 ба Рустамов Саидакбар дода шудааст, эътибор надорад.

✓Дипломи такрорӣ бо силсилаи №0079596 таҳти №24380-и гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода соли 2010 ба Миров Мирзоҷон Назриҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ронандагии гумшуда бо силсилаи АБ 0216331, ки онро ШБДА вилояти Хатлон 10-уми декабри соли 2005 ба Хасанов Азиз Акбаржонович додааст, этибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев, бинои 16, хонаи 27 ба Тошова Парвона Шоҳиновна додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0414695, (РМА 046176710), ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе 28-уми ноябри соли 2013 таҳти №9253 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Ҳосилот, хонаи 19 ба Сафаров Сироҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0434736, (РМА 046176710), ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 6-уми майи соли 2014 ба Садиқова Ҳабиба барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ додааст, эътибор надорад.

✓Қарори гумшудаи №76 оид ба қонунигардонии молу мулк, ки онро Rомиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 6-уми июни соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, хонаи 46 ба Назаров Ҳайдар додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 15-уми феврали соли 2022 ба Боева Майсара Ибодуллоевна (РМА 025877654) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи таҳхона ба масоҳати 497, 8 м², ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 84/7 ба Расулов Қурбанхоҷа Акобирович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Ибрагимова Зуҳал» (РМА 040062035, РЯМ 0410039612) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Гулдаст» (РМА 115072338), воқеъ дар ноҳияи Нуробод, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 январи соли 2024, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34640 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев, Б. Каримзода ва Т. Неккадамов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97